***ОРИЁНФАР***



# *ШАРАНГИ АНДӮҲ*

**О Р И Ё Н Ф А Р**

# ШАРАНГИ АНДӮҲ

**ДУШАНБЕ-2001**

«Шаранги андӯҳ» сугнома ва таҳлили бадеии ашъори оламшумули шоири тавонои тоҷик Лоиқ Шералиро, ки ба қалами олим, адабиётшиноси маъруфи тоҷик Ориёнфар (Сафар Абдулло) мутааликанд, дар хеш фароҳам овардааст.

# ШАРАНГИ АНДӮҲ

***Мӯяе дар сӯги устод Лоиқ...***

Ман агар зору ҳазинам ва агар ба сӯг мондам
Ва агар дилам фишурдаст,
Зи шаранги сӯгворӣ...
Ғами хештан дорам... ки ғами гулӯфишорест.
Ман аз он ба ғусса нолам ва аз он ҷиҳат бигирям,
Ки аз ҳаловати дидораш маҳрум мондаам ва дигар маҷҳурам.
Нақши рухсораш дигар дар оинаи мардуми чашмонам нахоҳад нишаст.
Ва дигар лаҳни ширини гуфтораш гӯшҳоямро навозиш нахоҳад дод.
Ва дигар пилки чашмони хастааш ва нигоҳҳои ҷаззобашро нахоҳам дид.
Магар чун дирӯза дар хоб кӣ мегуфт: ин дафтари шеъру ғазал чун ман намирад аз аҷал!

Ва боз мегуфт:
Аз ман умри дубора хоҳад монд.
Ва ӯ ба ҷовидон пайваст ва ҷони ӯ ба ҷонҳои худогоҳи дигар омезиш ёфт.
Ва барои ҳамеша ҳамсӯҳбати аҳли дил хоҳад монд...
Ӯ рафт аз ин ҷаҳони меҳнату имтиҳон,
Гузашт аз ин манзили беамону ғурбати хокдон.
Нақше буд, ки сӯи Наққоши Азал шуд.
Ҷоне буд, ки ба ҷонон пайваст...
Вале ғамгинам аз ин, ки дигар касеро дар баробари ӯ намебинам.
Ки бо чунин огоҳии жарф ва андешаи сутург дарду алами миллати бечораи моро боз.
Ва розу ниёзи ногаҳонии ӯро ошкор созад ва ба гумроҳони мо роҳи наҷот ва шифоро биёмӯзад.
Ӯ ровии рӯзгори маънавии мардуми мо буд ва ривоёти миллиро ба ҳадди шеър авҷ дод...
Ӯ бо дили мардум сару кор дошт ва қалби ӯ моломол

аз ишқи меҳан буд.

Ҳарфаш аз дил мебаромад ва зуд ба дилҳо роҳ меёфт.

Ӯ шоири дили ҳазорон буд...

Мабнои кори Лоиқ самимият ва аъмоли корномаи шоирии ӯ садоқат буд.

Дили инсон ва рӯҳи пурғалаёну пурҳаяҷонаш дар шеъри ӯ асолат буд.

Эй мурдагони мурдареги мурдарегҳо, эй мурдапарастони бегонахоҳ,

В-эй бечорагони мағруқи ҷаҳлу нодонӣ в-эй хобидагони ҳазорсола

В-эй онҳое, ки аз хушии ӯ нохуш будед, эй мудаъиёни шеъру шоирӣ, ки

Шеърҳои ӯ шоиратон карда ва аз маъонии рабудашуда аз ӯ шеър сохтаед

В-эй онҳое, ки дар ибтидо ситоишаш кардаву дар интиҳо аз хеш бузургтарошӣ намуда

Ӯро инкор мекардед...

Боре ба худ оед ва бияндешед

Чашми дилатонро боз кунед, ҳасодатро канор гузоред

Ва аз худфаромӯшӣ раҳой ёбед

Ки Лоиқро аз даст додаед...

Шояд он гоҳ дарёбед, ки мо то куҷо бадбахт шудаем...

Шоире, ки тани танҳо дар баробари камонбадастони фурӯмоя

Ва абарқудратони маҳалгаро ва бемоя истодагарӣ кард

Ва бо сухани хеш чандон размид, то дар синаҳои золимон раҳму шафқат бедор шавад...

Аз яке илтиҷо мекард, ки камон аз китф бигзорад.

Ба дигарӣ зора мекард, ки раҳми парвардигор дар дилаш лона гузорад.

То нури ҳақро ба диёри мо биёварад...

Эй азизон! Марги Лоиқ марги тасодуфӣ нест?

Дарвоқеъ: Аз шумори ду чашм як тан кам в-аз шумори хирад ҳазорон буд

Ва фуқдони ӯ, бузургтарин мусибат аст, вале худро бо он тасалло медиҳам, ки

“Аз ин тангинқафас, ҷоно, паридӣ,

В-аз ин зиндони тарророн паридӣ...”

Маълум аст, ки ӯ дигар намемирад... Вале дареғо, ки дигар наметавонад дарду армонҳои миллати мазлуми моро аз ин ба баъд низ таҷассум намояд...

Шояд ӯ бо мо видоъ карду бирафт... ва хост бо ин видоъ, ки танини баланди ӯ дилҳои мурдаро низ ба ларза овард, табли бедорӣ бизанад...

Ва мо, вомондагони роҳи эҷодро ба худ биёварад

То шеърҳояшро дубора нӯш кунему аз шароби андешаҳои пурбор

Ва эҳсосоти шигарфаш маст шавем ва ин мастӣ оғози бедорӣ бошад...

Ва ҳам акнун ман ба ҳоли хештан мегирям зор ва мӯя мекашам бо дили фигор,

Ки хазони дили афсурдаи нолоиқи маро

Дигар баҳори дилкаши дидори Лоиқ аз пай нахоҳад расид...

Ва бӯстони сармозадаи зиндагии мо дигарбора аз накҳати дидори Лоиқ шодоб нахоҳад шуд.

Ва дилҳои афсурдаи мо, бе файзи вуҷуди дилшиносе чун Лоиқ пажмурда хоҳад шуд.

Ва биёед биандешем, ки офтоб намемирад

Ҳарчанд ба ғуруби ҷисмонии ин офтоби фазлу эҳсоси ишқ лоилоҷ бовар кардаем,

Вале боз ҳам медонем, ки тулӯи ин офтоб ҷовидонӣ буд ва ба ҷовидон пайваст...

Ва то даме, ки миллати тоҷик ва забони форсӣ побарҷост,

Мардум гармии ин офтобро эҳсос хоҳанд кард

Ва ишқи ӯро то ҷовидон хоҳанд бурд...

Ва ҳолиё сатрҳои ғазали Мавлоно

Маро ба худ меорад ва дубора беҳуш мекунад:

Ба рӯзи марг чу тобути ман равон бошад,
Гумон мабар, ки маро дарди ин замон бошад.

Барои ман ту магирйу магӯ дареғ, дареғ,
Ба доми дев дарафтӣ, дареғ он бошад...

Кадом дона фурӯ рафт дар замин, ки наруст,
Чаро ба донаи инсон-т ин гумон бошад?..

Ва эй кош аз гили Лоиқ фарзонаҳое бирӯянд,
Ки офтобро далели офтоб бошанд.
Ва онҳо тавонанд на фақат маҷрои рӯдҳо,
Балки хулқи халқи моро дигар кунанд.
Ва фарёдҳои Лоиқро ба фарёдрас бирасонанд,
Ки Лоиқ ба ин доғ мурд...
Ва эй кош, шоироне, ки баъди ӯ оянд,
Ба ҳангоми худ аз қадршиносии мардумон бархурдор гарданд.
Ва дар сари вақт посашон доранд!!!

# ВИҶДОНИ БЕДОРИ АДАБИЁТ

*(дар сӯги устод Лоиқ)*

Устод Лоиқ чашм аз ҷаҳон фурӯ баст. Баъд аз панҷоҳу нӯҳ сол синну чиҳил сол фаъолияти пурсамари адабӣ ва фарҳангӣ. Дар мавриди марде, ки инак дар миёни мо нест, қазоватҳои фаровоне шудааст, чӣ дар замоне, ки дар қайди ҳаёт буд ва чӣ инак, ки зиндагии хокиаш ба поён расида. Вале имрӯз барои мо яқин аст, ки Тоҷикистон бо пешомади марги устод Лоиқ бузургтарин шоир ва ровии дарду армонҳои миллатро аз даст додааст. Ин ки Лоиқ бузургтарин суханвари рӯзгори мо, дар Тоҷикистон буд, ҳарфест, ки онро фақат кӯр метавонад, инкор намояд... Маргаш дар ҷомиъаи мо ва ба вижа миёни форсизабононе, ки ба шеъру адаб дилбастагӣ доранд ва сухан ва ҳунар пеши эшон арҷ дорад, танини баланде дошт ва бисёре аз шеършиносон ва ошиқони назми форсӣ сӯгашро бузург доштанд Чӣ доно бар онанд, ки шоире тавоно ва дардошно аз даст рафт. Он ки шеъраш бонги бедорию ҳушёрӣ буд, он ки садои ҳазинаш мардумро ба огоҳӣ мехонд, он ки шеъри асилаш ба дардҳои ҷону рӯҳи миллат марҳам буд, он ки ошиқи меҳан буду забони форсӣ ва чун ошиқи содиқ заҳр мехӯрду қанд меангорид. Он ки бо каломи ширинаш боз дасти кам бист-сӣ сол, метавонист, дарду армонҳо ва розу ниёзҳои миллати бадбахт ва бепуштупаноҳи моро таҷассум намояд...

Лоиқ аз нодиртарин чеҳраҳои рӯзгори мо буд, ки ҳеҷ гуна шабоҳате ба аҳаде надошт. Ӯ ба қавли фарзонае дар ҷаҳони бемаъние мезист, ки дар он инсон мехоҳад аз дасти дӯст ба душман паноҳ бибарад ва дар ин бемаънигӣ маънӣ меҷуст. Шеършиносе гуфта буд, ки вазифаи аслии шоири ҳақиқӣ, маънӣ бахшидан ба ҷаҳони бемаънист,

гирди ҳам овардани аносири номавзун ва мавзунӣ бахшидан бар онҳост... Ин коре буд, ки Лоиқ тайи чиҳил сол бо рӯҳи бешикаст анҷом дод ва дар ин ҷода аз пешгомон буд... Ӯ бо садоқати камназир шеърро ба зиндагӣ ва зиндагиро ба шеър пайванд дод. Зуҳури Лоиқ ба адабиёти Тоҷикистон, падидае буд, ки гӯиё миллати мо садсолаҳо ӯро интизорӣ мекашид. Дар кори пайванд додани шеър ва зиндагӣ, ҳикмату хиради мардумро то пояи шеър авҷ додан, адабиёти форсии Варорӯд дар сад соли охир шоиреро ҳамсанги Лоиқ наёфаридааст. Ӯ омаду хитоб кард: Ало эй муташоирҳо, ҳама, хомӯшӣ бигзинед! ва ҳамчунин таъкид намуд: Ман он рӯдам, ки андар роҳи туғён, на санги раҳ на соҳил мешиносам! – Зуҳури ӯ ба адабиёти мо, посух ба ниёзҳои миллате буд, ки солҳо дар «чоҳи сабр» ба сар мебурд ва дар интизори наҷот буд. Нигоҳи ӯ нав буд ва паёмаш аз қаламрави ҷадиде хабар медод. Ҳам аз шаб сухан мегуфт ҳам аз рӯз, ҳам аз ғам сухан мегуфт ҳам аз шодӣ, ҳам навмед буд ҳам умедвор, ҳам аз дард мегуфту ҳам аз бедардӣ, ҳам аз марг мегуфту ҳам аз зиндагӣ... Аз ин рӯ, шеъри Лоиқ шеъри ҳама лаҳзаҳост.

Лоиқ аз нахустин шоироне буд, ки бо густурдагӣ ва нерӯмандии тамом маъниофаринӣ мекард ва маъонии баландеро, ки дар ниҳонхонаи қалби мардум нуҳуфта буд, берун мекашиду шеър мекард ва дубора ба мардум пешниҳод менамуд. Шеъри Лоиқ шеъри мардумӣ ба маънии воқеии ин таъбир аст. Дониш ва хиради мардум дар шеъри Лоиқ таҷассум ёфта ва ҷавҳари шеъри ӯро ташкил намудааст. Он чӣ аз дили мардум мегуфт ва ҳунармандона мегуфт, зуд ба дилҳо роҳ меёфт. Ва Лоиқ дар воқеъ шоири дили ҳазорон буд... Мо ҳеҷ нафареро аз шоирони рӯзгори мо дар Тоҷикистон намедонем, ки ба андозаи устод Лоиқ маҳбубият ва маъруфият дошта бошад ва дар саросари кишвар ӯро дӯст дошта ва ашъорашро дар баробари осори классикони адабиёти форсӣ арҷ гузоранд... Пуртирожтарин китоби шеър, ки дар Тоҷикистон нашр мешуд, китобҳои устод Лоиқ буд. Бисёре аз ғазалҳо ва таронаҳои устод Лоиқ ба мусиқӣ даромада, оҳангсозони тоҷик ба онҳо оҳанг бастаанд ва аз сӯйи овозхонҳои мухталиф иҷро мешаванд.

Ман устод Лоиқро виҷдони бедори адабиёти Тоҷикистон медонам. Қабл аз ҳама барои он ки Лоиқ ҳаргиз адабиётро василае барои даст ёфтан ба ҷоҳу ҷалол накардааст, чунонки ин корро дар Шӯравии собиқ ва Тоҷикистони кунунӣ бисёриҳо кардаанд ва ҳарчанд ашъорашон чандон моли адабиёт набудааст, вале дар ситоиши низом ва масоили камарзиш, он қадар хомаронӣ кардаанд, ки дар воқеъ бархе аз он шеърҳо қабл аз худованди хеш мурдаанд. Устод Лоиқ аз онҳое буд, ки чароғи нимамурдаи шеъри форсиро дар Вароруд дубора рӯшан намуд ва ба сухан болу пар бахшид ва равиши шеъру шоириро дар кишвари мо дигар кард. То Лоиқ пучгӯию умумигӯӣ, нодида гирифтани дарду армонҳои миллати мазлум, шиорпартоиҳои манзум ва ситоиши низом бисёр ривоҷ дошт. Мӯъмин Қаноат (устод Лоиқ борҳо гуфта буд, ки Мӯъмин Қаноат ба ман ҳаққи устодӣ дорад С.А.). Лоиқ ва каме баъдтар Бозор Собир аз онҳое буданд, ки талоши сангин ба харҷ доданд, то шеъру адаби моро аз ин вазъи нангин раҳоӣ бахшанд. Дар ин роҳ устод Лоиқ аз ҳама бештар муваффақ буд ва ковишҳои ӯ чашмгиртар аст. Ӯ ба ҳадде мазмуну мафоҳими тозаро ба шеъри мо ворид кард, ба ҳадде шеърро ба зиндагӣ ва зиндагиро ба шеър наздик кард, ки ту гӯи дар ин замина беназир буд. Шеъри гузаштаи мо низ дар Варорўди чаҳорсад соли охир, дар бисёр мавориди дур аз зиндагии мардум буд, ағлаби шуъарои мо дар пояи тақлид (бештар аз сабки ҳиндӣ ва аз шоири бузург Бедили Деҳлавӣ тақлид мекарданд) қарор дошт. Шеъри тоҷик дар замони шӯравӣ бошад, бештар тақлид ба адабиёти рус буд ва пур аз шиъорпатоиҳо ва зери фишори идеолужии кумунистӣ қарор дошт. Табиист, ки намунаҳои истисноӣ низ мавҷуд аст, вале манзури мо раванди умумии шеъру шоирӣ мебошад.

Устод Лоиқ аз суханвароне буд, ки бо кору пайкор ва вуҷуди хеш фазои маънавии як кишварро тағйир медиҳанд ва осори гаронарҷе аз худ ба мерос мегузоранд, ки он ганҷи шойгон дар тӯли қарнҳо бузургии эшонро муҷаллотар месозад, ман мутмаинам, дар беҳтарин ашъори худ устод Лоиқ лаҳазотеро аз зиндагии гузарои мил-

лати мо дар чиҳил соли охир ба ҳадде устодона таҷассум намуда ва зиндагии моро дар он ашъор мунъакис намудааст, ки баъд аз қарнҳо низ тароват ва ҷилваҳои он коҳиш нахоҳад ёфт. Ба вижа дар китоби «Фарёди бефарёдрас» (1997). Ин китоб саропо дард аст, саропо фарёд аст, саропо ишқ аст, саропо нафрат аст, саропо шафқат аст... Ин китоб фақат шеър нест, ин китоб таърих, таърихи даҳ соли охири зиндагии мо, балки болотар аз ин, таҷассуми воқеияти рӯзгори даҳшатзои миллати мост. Шоир тавонистааст фоҷиаи зиндагии як миллати бахтбаргаштаро бо ҳама фарозу фурудҳояш ба ҳадди шеър авҷ диҳад... Дар ин китоб як инсони содда, ки аз қалби тӯдаи мардум бархоста ва дар қалби тӯдаи мардум зиндагӣ кардааст, ҳасрату таассуфҳои пинҳонии онҳоро бо садои баланд ба забон меорад ва суханонаш танини гиряолуд дорад. Ин китоб саргузашти саргардониҳои фардест, ки рӯзгоре бо ғуруру эътимодаш дар кӯчаҳо фарёд мекард, вале ҳоло дилмурда, ғамгин, афсурда, парешонаҳвол роҳи раҳоӣ меҷӯяд... бо садои ҳазин, вале котеъона бонги бедорӣ ва ҳушёрӣ мезанад, ӯ бонги хатар мезанад ва моро мехоҳад аз роҳи нобудӣ боз гардонад, роҳи наҷотро нишон бидиҳад. Лоиқ он қадр содиқона ва самимона сухан мегӯяд, ки наметавон ин китобро як бор хонду канор гузошт. Ҳар сатри ин китоб бо хуни дил навишта шуда ва хонандаро шадидан таҳти таъсир қарор медиҳад. Ин китоб он қадр ҷозиба дорад, он қадр пурмӯҳтаво ва пурмоя аст ва он қадр сӯзи дил дорад, ки ман китоберо аз адабиёти кунунии тоҷик дар ин поя нахондаам...

Лоиқ забони шеъру адаби моро тағйир дод, ӯ суханро боз боло бурду бар курсӣ нишонд... Вақте шумо шеъри Лоиқро мехонед, агар суханшинос бошед медонед, ки сухани ӯ то чӣ андоза устувор аст ва агар маънӣ шиносед, дармеёбед, ки гуфтори ӯ дар бисёр маврид аз ҷон сарчашма гирифта ва аз буни дандон бархоста аст. Лоиқ дар баробари забон дасту поча набуд, чаро ки дар забон тасаллути комил дошт. Гоҳо вақте шеъри устод Лоиқро мехонед, гумон мекунед ҳамаи аҷзои ин шеър пеш аз гуфта шудан вуҷуд доштааст. Ин нукта ҳам дар мавриди ашъори дар анвоъи суннатии назм офаридаи Лоиқ содиқ аст

ва ҳам дар мавриди ашъоре, ки бо шеваи ҷадид гуфта аст... Насри ӯ ба ҳадде асолат ва ширинии форсиро ҳифз намуда ва муассир аст, ки ба гумони ман назири ӯ дар адвори мухталифи адабиёт низ чандон зиёд набудааст. Дар ин замина, метавон аз мақолаҳои фаровон, гузоришҳои адабӣ ва тарҷумаҳои ӯ, ёдовар шуд. Баъзе аз мақола ва навиштаҳои ӯ, аз ҷумла андешаҳои ӯ дар муқаддимаи китобҳои устоди гаронмоя ва чеҳраи беназири илму фарҳанги Тоҷикистон Муҳаммадҷон Шакурӣ «Хуросон аст ин ҷо...» ва китоби «Тоҷикон бо рамзи комилан сиррӣ», ки онро раиси пажӯҳишгоҳи таърих Раҳим Масов интишор кардааст, аз лиҳози ширинии баён ва мӯҳтавои ангезандаи худ дар адабиёти мо беназир аст ва арзиши ин мақолаҳо камтар аз арзиши он китобҳо нест. Ин осор ҳама дастоварди тасаллут бар адабиёти гузаштаи мо ва забони форсист. Шеъри Лоиқ шеъри бадеъ, вале ошност. Аз ин ҷиҳат шабоҳатҳое ба шеъри Маҳдии Ахавони Солис дорад. Ба далели ин ки такяи ин ду шоир ба навъи классикии адабист. Ин бад-он маъност, ки онҳо аз абзори мумтоз ва ошно истифода мекунанд ва ё ба қавли Ризо Бароҳанӣ, шеършиноси номдори Ирон, абзори ҷадидро то ҳадди абзори мумтоз ва ошнои қадим боло мебардоранд ва бартарӣ мебахшанд...

Устод Лоиқ он қадр ба шеъри гузашта тасаллут дошт ва он қадр аз мактаби шоирии эшон сухан омӯхтааст, ки ба назари ман аз ин ҷиҳат дар Тоҷикистон ҳеҷ ҳамтое надошт... Ӯ бо сухан ҷаҳони берангро рангин мекард ва ба қавли яке аз шоирони нағзи мо «аз ҳеҷ чиз шеър месохт».

Пайравону муқаллидони фаровони ӯ низ дар ҳунари суханварӣ, дар фаро гирифтани забони шоирона ва дар офариниши маънӣ фарсаххо аз ӯ дур ҳастанд, магар ба истиснои Фарзона, ки дар ин замина ковишҳои ҷасурона ва бозёфтҳои ҷононае дорад ва забони гулу гиёҳ ва мӯру малах ва шабу рӯз ва ҳузну сурур ва хобу бедориро бисёр дақиқ фаро гирифта ва огоҳона истифода мекунад. Ва дар фарогирии паҳлӯҳои ҷадид ва паймудани роҳҳои нокӯбида ва андарёфти маъонии ноб ва шеъри нав аз пешгомон аст...

Устод Лоиқ шоире буд бо шӯру шаъафи хос, бо фар-

мони хун ва сиришт ва бо раҳнамоии андеша ва хирад ба сӯйи фарҳанг ва ойини миллӣ кашида шуда буд. Ӯ бо раҳнамоии ҳуши саршор ва ишқи фаровон ба меҳан, ба вижа меҳани таърихии тоҷикон ва дар маҷмӯъ эрониён ва фарҳанги беназири забони форсӣ ашъоре супурдааст, ангезонанда ва дар худшиносии миллии мо басе муассир. Дилбастагӣ ва ошноии Лоиқ ба таърихи пурифтихор ва дар айни ҳол пурфоҷиаи миллат ва адабиёти пурбори он дар рӯҳияи Лоиқ асари шигарфе гузошт. Ва ҳар касе, ки ба осори устод Лоиқ ошност, он таъсирро ба хубӣ эҳсос мекунад. Ба назари ман, устод Лоиқ як қаҳрамонест, ки гӯшаш бидеҳкор ҳеҷ ҳарфе нест ва ба ҳеҷ чизе намеандешид ва саросари рӯҳаш ва ҳамаи вуҷудашро диловарӣ ва ишқ ва фидокорӣ пур карда буд. Ӯ бо сағиру кабир рафтор ва муносибати яксон дошт, рафтори шарофатмандона ва фурӯтании дарвешона. Ба дунё ва дунёпарастон сахт беэътино буд. Вусъати иттилоъ ва табаҳҳураш дар забон ва адаби форсӣ ва дилбастагиаш ба фарҳанги тоҷикӣ ва ирониасл, маҷзубияташ ба шеъру адаби беназири забони форсӣ ва ишқи амиқи ӯ ба Фирдавсӣ ва Мавлоно, ба Хайём ва Соиб, ӯро вомедошт, ки дар ҳама кас ва ҳама чиз муҳаббат варзад ва аз ин рӯ қалби пок ва синаи бекинаи ӯ, гунҷоиши чизе ҷуз ИШҚ ва сафо ва вафодориро надошт. Бисёр хунгарм, вале нозукдил буд ва ин сифоти олӣ сарчашмаи он завқи латиф ва фикри шарифест, ки мояи ҷӯшиши чунин ашъори шӯрангез ва дилнишин ва шево, ки чун об равону чун шакар ширин аст, гардидааст. Ашъори ӯ гувоҳи ҷирадастӣ ва балоғат аст. Ӯ аз ашколи дар ҳамон рӯзгор роиҷи шеъри форсии Тоҷикистон шурӯъ кард, шаклҳои қарордодии шеъри куҳани форсиро дубора эҳё кард, шеъри нимоӣ ва ашколи ҷадидро таҷриба намуд. Бисёре аз аносири забони муосир ва дар канори он забони классикро дар шеъри худ истифода кард.

Дар даҳсолаи охир, ҳаводиси ҷанги бародаркушӣ, хушксолии фарҳанг, зӯргӯйӣ, қатли ҳазорон тан аз мардуми бегуноҳ, даҳҳо тан аз фарҳангиёни вологуҳар ва ё ба қавли устод Лоиқ «ашрофзодагон», ки бо бархе аз эшон равобити дӯстона дошт, фирори мағзҳо аз кишвар (Аз ин

қаламрав аҳли қалам рафт, Ҳар кас алам шуд бо сад алам рафт!), таҳаммули бемориҳои гуногун, дили бисёрдон ва чашми бисёрхони ӯро ба дард афканда буд ва танашро ранҷур сохта буд. Ӯ дар шароите қарор дошт, ки таҳдиди қаламҳои ҳақнавис ва забонҳои ҳақгӯ дар авҷ буд. Вале ӯ ҳаргиз наметавонист дар баробари бедодиҳо ва номардумиҳои рӯзгор хомӯшӣ гузинад, дар баробари аносири зӯргӯй ва қонуншикан сари таъзиму таслим фуруд оварад, бо мутамалліқин ва чоплусон мудоро кунад, ба риёкорон ва дурӯггӯён ҳамсадо шавад. Ӯ наметавонист, нафасро дар сина хафа кунад ва дар баробари чанголҳои олуда, ки гулӯйи мардумро гирифта, таҳдид мекарданд, ки фарёд накунад, хомӯшӣ гузинад ва фарёд назанад. Ӯ ҳаргиз наметавонист, бо онҳое, ки аъмоли ношоистаи хешро аз номи халқ анҷом медоданд, нафрин нафиристад. Бисёре аз ашъори устод Лоиқ ва ба вежа кулли ашъори китоби охирини устод, ашъори иҷтимоъӣ аст. Шак нест, ки дар баробари ҳаводиси кишвар, ӯ наметавонист, аз ишқҳо ва дардҳо ва хаёлоти худ ҳарф бизанад. Бархе аз хомазаноне, ки дар бораи шеър навиштаанд, вале ҳанӯз шеърро нашнохтаанд, чунин пиндоштаанд, ки шеър агар мубайййини масоили иҷтимоъӣ бошад, хушку камэҳсос мешавад. Ин андеша аз ноогоҳӣ аст, зеро онон хаёл мекунанд, ки дар ин сурат шоъир ҳамеша бояд шиъорҳои сиёсӣ бидиҳад ва ҳарфҳои рӯзмарраи сиёсӣ, гурӯҳӣ ва ҳизбӣ бигӯяд ва ё мақолоти рӯзномаиро ба назм оварад. Дар сурате, ки баръакс, ба қавли доктор Алии Шариъатӣ, ҳар шоире, ки мекӯшад то сарзамини тоза ва биниши тоза ба мардум бидиҳад, мекӯшад то инсонро дар сайри хеш ба сӯйи камол ва азамати рӯҳ ва андеша ва эҳсос бибарад шоъири иҷтимоӣ мебошад. Алии Шариъатӣ мегӯяд: Аз ин даста аст: Мавлавӣ, Саноӣ, Носири Хисрав, Аттор, Ашраф, гӯяндаи тавонои инқилоб (мудири Насими Шимол),... Баҳор ва Парвин. Мо илова мекунем: Иқбол, Халилуллоҳи Халилӣ, устод Лоиқ, Нодири Нодирпур, Маҳдии Ахавони Солис, Фурӯғ, Фарзона ва ғайра... Устод Алии Шариъатӣ дар номае, ки ба дӯсти шоъираш иншо карда буд, менависад: «Шумо ки метавонед ҳарф бизанед бисёр ноҷавонмардона ва ғайримунсифона аст, ки аз ху-

датон... сухан бигӯед. Дар шаҳре, ки имони мардум дасти равзахонҳои яктумонӣ ва ваъози давлатӣ аст, афкори иҷтимоӣ ва ошно бо тамаддунашон дасти синамои шаҳрзоду «Сиёҳу сафед» ва радиёи Теҳрон, шумо сангинтарин вазифаро бар ӯҳда доред. Агар барои наҷоти ин насли бечора коре, ки аз дастатон бармеояд, накунед, бузургтарин хиёнатҳоро кардаед.

Ҳоло ки дару девор дар Эрон барои хоб кардан лолойӣ мехонанд, Шумо чаро қир қиру замзама ва нола мекунед. Фарёд бикашед то бедор шаванд! Ман фикр мекунам, ҳамин номаи устод Шариъатӣ низ номаи хусусӣ нест ва ашъори солҳои охири устод Лоиқ ба наҳве посух дар баробари нукоти фавқ мебошад...

Бояд ёдовар шуд, ки дар ин миён ҳар гурӯҳе ва ҳар ҷинохе Лоиқро дар сафи худ дидан мехост, ҳар касе мехост аз обрӯ ва маҳбубияти устод ба суди хеш истифода кунад. Вале Лоиқи мутмаъин ба ин ки «Ҳар ҷо ки ҳизб ҳаст, кизб низ он ҷост» ҳаргиз бо ҷинохе набуд, балки бо мардум ва тӯдаҳои мазлуми кишвараш буд... ва бархе аз рашк ва ҳасодат ва номардумӣ, дар ҳақи ӯ қилу мақолҳои беҳуда ва ҳою ҳуйҳои муғризонаеро раво диданд... Бархе аз гурӯҳакҳо бо кӯтаҳназарии палидона, дар ҳаққи ӯ шоеъотеро пахш намуданд, ки гӯиё Лоиқ аз рафтори зишти гурӯҳе дифоъ намудааст. Ва ҳатто бо супориши фурӯмоягоне хомафарсо бадсириште дар ҳаққи устод Лоиқ ҳақоратномаи манзуме «иншод» намуда, дар деҳаяку ноҳияку маҳаллаки хеш пахш намуда, талош намудаанд, ки ӯро «сиёҳ» кунанд... вале ҳаргиз ба ҷое нарасиданд, Чаро ки нури хуршедро наметавон бо домanҳои нопоки ғараз пинҳон кард. Бархе аз хомазанони ҳасуд ва нотавонбин, ки аз хеш бузургтарошӣ мекарданд, дар ҳаққи ӯ бадгӯӣ намуда, дар маҳофили маҳаллию ибтидоии худ, ковишҳои адабӣ, ҷасорати ҳунарӣ ва дарду ранҷҳою заҳамоти ӯро нодида мегирифтанд... Ва табиист, ки чунин аҳвол ва авзоъ рӯҳи латиф ва завқи зарифи ӯро, ки ба қавли доное аз нафаси фариштагон ҳам малул мешуд, ба сахтӣ меозурд...

Агарчи ин мусибатҳо ва номулоиматиҳо мӯҷиби сардардӣ ва харобии аъсоб мешуд, вале устод боз ҳам аз

**роҳу эътиқоди худ нагашт ва ҷавонмардона дар муқобили ҳақоратҳо ва палаштиҳо истод ва бо ашъори ноб ва каломи нотакрори худ ба ҳамагон посух гуфт:**

***На ёри «Шаҳидон» на «Озодихоҳ»,***
***На бо ин сипоҳу на бо он сипоҳ.***
***Миёни ду дунё манам рӯсафед,***
***Миёни ду майдон манам рӯсиёҳ...***

***Зи бас маънии номи ҷадду номи худ намедонӣ,***
***Чӣ донӣ маънии раббонии оёти Қуръонӣ***
***Мусулмонӣ ба идрок аст, дарки зоти он пок аст,***
***Туро бо магзи зулмонӣ, намешояд мусулмонӣ.***

Дар воқеъ агар дигарон камон мебардоштанд, ӯ қалам бармедошт, агар дигарон дар паноҳи гурӯҳакҳое буданду бо он менозиданд, ӯ ватан доштy бо Ватан менозид. Дар ин чанд соли охир борҳо ба бемористон уфтода буд. Дар бемористони қалб табибон талош мекарданд, ки ӯро шифо бахшанд ва наҷот диҳанд. Вале ин бор ба қавли Мавлоно:

*Чун қазоояд, табиб аблаҳ шавад,*
*В-он даво дар нафъ ҳам гумраҳ шавад.*
*Чун худо хоҳад, ки марде бифишурад*
*Сардӣ аз сад пӯстин ҳам бигзарад*
*З-он ки ҳар як з-ин маразҳоро давост*
*Чун даво напзирад он феъли худот.*

Устод Лоиқ дар беҳтарин шеърҳояш дилбастаи гузашта аст ва чун гузашта ҳаргиз такрор нахоҳад шуд, дардаш бедармон мемонад. Вале Лоиқ ин дарди бедармонро бо хирадмандии пайғамбаронае баён мекунад. Чаро ки устод Лоиқ аз огоҳиҳои фаровоне, ки дошт, хуб медонад, ки инсони имрӯз сарнавишти рамзии Одамро, ки саршори ҳақиқат аст дар воқеъияти зиндагии заминиаш таҷассум медиҳад, ҳамон инсоне, ки ба қавли устод Алии Шариъатӣ «...то аҳмақ аст, дар биҳишт ба сар мебурд ва ҳамин ки меваи мамнӯъи огоҳиро маза кард, ҳабут мекунад ва зиндагияш аз фароғати гиёҳӣ ва ҷонварӣ ба

«талош ва ҷиҳод» бадал мешавад ва табъиди замин ва ғариқи ранҷ!» мегардад. Ин хирадмандии пайғамбарона чизест, ки ба қавли доное аз аъмоқи ҷон мехезад ва забонро муталотим мекунад ва мушавваш месозад. Адами норизоият аз ҷаҳон, забон ва оиндаро баён мекунад ва мудом бар гузаро будани ҳаёти одамӣ такя мекунад. Бо зулм ва тирагӣ ва палаштӣ мубориза мекунад, аз одами золим нафрат мекунад ва дар канори мазлумон қарор мегирад. Ва дар ҳама ҳол аз ҳадиси нафс даст барнамедорад, чаро ки одамӣ омадааст, то шаҳодат бидиҳад, ки дар ин ҷаҳон будааст ва ин чунон аст, ки устод Лоиқ бо ҳамон дарди бедармонаш, ки дарди бедармони ҳамаи инсонҳост, вақте ки дармегузарад, дар намегузарад, балки мепайвандад ба ҷамъи мо, ба ҷамъи муштоқони дигаре, ки баъдан хоҳанд омад, ба ҷамъи дардмандони бедармони оянда, ки ҳамеша эҳсос хоҳанд кард, ки аз як маркази аслӣ дур шудаанд, хоҳ аз ҳавзаи тафаккури устод Лоиқ, ки худро ворици Рӯдакию Фирдавсию Хайёму Ҳофизу Мавлоно медонист ва хоҳ аз ҳавзаи тафаккурҳои дигар...

Устод Лоиқ дар зиндагии хеш ҳеҷ оромиш ва осоиш надошт. Ӯ дақиқан медонист, ки шоир будан қабл аз ҳама инсон будан аст. Мо бисёреро медонем, ки рафтори рӯзонаашон ҳеҷ рабте ба шеърашон надошт. Вале устод Лоиқ аз онҳое буд, ки рафтору пиндораш ба ҳам мувофиқ ва мутобиқ буд. Ӯ ба онҳое, ки ба шеъру адаб хиёнат мекарданд, ба онҳое, ки вақте шеър мегӯянд, шоир ҳастанд ва баъд аз он дубора як одами зишт, шикамбора, золим, кӯтаҳназар, ҳасуд, бадбахт ва ҳақир мешаванд ва ба корҳои ношоистае даст мезананд, нафрат дошт. Борҳо шуда, ки ман шоҳид будам, ба ҳарфҳои зоҳиран дурусти ин ё он нафар, лабханд мезад ва вақте мепурсидам, мегуфт: – Ман ҳарфи ин одамҳоро қабул надорам! Баъдан собит мешуд, ки устод ҳақ буд... Дар воқеъ устод Лоиқ бо он ишқи саршор ба зиндагӣ ва он имони қавӣ ба лузуми ваҳдати шеър ва зиндагӣ, табиист, ки душмани рақами яки риёкорон, чоплусон ва ҳасудон мешуд. Нафрат ба ин қабил афродро мо дар бисёре аз осори устод Лоиқ хондаем. Ӯ аз «худбаҳоёни мутамбир», «савдогарони шеъру оҳанг», «нотавонбинони каҷдил», «ҳаннотҳои илму

фарҳанг», ки «аз сари ҷаҳли мураккаб» «миси худро ҳама тилло шуморанд» нафрат дорад ва алайҳи онҳо бонг буланд мекунад:

*... Шумо аз ними ҷону ними нони хеш метарсед,*
*Шумо аз зиндагию аз ҳақиқат беш метарсед*
*Шумо на қобили разме, шумо на лоиқи базмед,*
*Шумо савдоии шеъред? Қаҳ! Қ-а-ҳ! Қа-а-аҳ!*
*Шумо савдогари назмед!!!*

Лоиқ ҳамеша ранҷ мебурд: барои вазъи ҷомиъаи мо, барои нодониҳоямон ва худнощиносиҳоямон, барои маҳалгароиҳои рӯ ба рушд ранҷ мебурд. Сарнавишти пурфоҷиаи миллат, аз марокизи аслӣ ва шаҳрҳои азимушшаъни худ дур афтодану дар кӯҳу камарҳо макон ҷустани тоҷикон, бемаърифатӣ ва инҳитоти маънавӣ, вазъи забони форсӣ дар ҷаҳон, вазъи Афғонистон, вазъи тоҷикон дар Ӯзбекистон ва ӯзбек шудани миллионҳо тоҷик, вазъи Эрон ва ирония дар кул, вазъи ҷаҳони имрӯз, ӯро ором намегузошт. Ӯ барои башар ва ҷомиъаи башарӣ ранҷ мебурд, ки ин ҳама солус ва риё, ин ҳама таъассуботи аҳмақона, ин ҳама фасоду касод, зиндагии мардумонро сиёҳ кардааст. Устод Лоиқ дар давоми фаъолияти хеш ҳамаи талошу тавони худро ба харҷ дод, то мо худро бишносем, бедор шавем, аз худ номус ва шарафи инсонию миллии хеш дифоъ намоем. Каму беш бедории солим ва талоши хештаншиносие, ки солҳои ҳафтодум ва ҳаштодум дар ҷомиъаи мо падид омад ва бадбахтона бо фоҷиаи ҷанги хонумонсӯз ва бародаркушӣ, ин раванди солим ба таъхир уфтод ва ё мутаваққиф шуд ва ё бадтар аз ҳама лагоми ин раванд ба дасти афроди камсавод ва ноогоҳ уфтода, бо тамоюлоти носолим ва хатарнок пеш меравад, аз баракати адабиёт ва қабл аз ҳама шеър будааст. Заминаҳои ин бедодиро устод Айнӣ, донишманди бузург ва сиёсатмадори фарзона Бобоҷон Ғафурӣ, нависандаи фозил ва худогоҳ Сотим Улуғзода, шоирони бузург Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, олимони воқеъӣ Абдулғанӣ Мирзоев, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Акбари Турсунзод ва дигарон гузошта буданд. Дар бедорӣ ва худо-

гоҳии насли мо, дар сӣ соли охир нақши шеъри шоирони мазбур ва ба вежа ашъори Лоиқу Бозор Собир бисёр муассир аст ва мо ҳама, мадюни эшон ҳастем... Фоҷиаи ҷанги бародаркуширо дар Тоҷикистон, ҳеҷ нафаре натавонист, ба андозаи устод Лоиқ, бо ҳама паёмадҳои нангин ва авоқиби муҳликаш таҷассум намояд. Гоҳе авқот ман фикр мекунам, устод Лоиқ бо он дили нозук ва мағзи мутафаккир, чи гуна тавонист дар он муҳити ақлкуши ҷаҳлпарвар ҳама он фоҷеъаҳоро таҳаммул намояд ва боз соле чанд бо шикебой ва ҷавонмардӣ, новобаста ба хорию зориҳои фаровон, ки устод шоҳиди он будааст ва хонандаи закӣ онро аз ашъори дар он солҳо гуфтан шоир ба хубӣ пай мебарад, зинда бимонад ва алайҳи пастиҳо ва палаштиҳо ва бедодии замон бо ҷасорати тамом биразмад. Ҳар касе мехоҳад ҳақиқати ин нуктаро дарёбад, ба китоби «Фарёди бефарёдрас» рӯй биёварад. Ман фикр мекунам зиндагии устод Лоиқ дар он солҳо ва дар он муҳит тасодуфӣ нест ва Худои якто ҷони ӯро ҳифз кард ва бо дасти ӯ сафаҳоти рӯзгори миллати моро барои наслҳои баъдӣ таҷассум намуд. Танҳо шоире, ки неруи яздонӣ ва рӯҳи Фирдавсиёна дорад, шоире, ки ба таърихи пурифтихор ва дар айни ҳол пурфоҷиаи миллат ва адабиёти пурбори он дилбастагӣ ва ошноӣ дорад ва он осор ба ӯ асари шигарфе гузоштааст, метавонист бо ҳама бадиҳо ситезад ва аз сӯзи дил ва бо амри виҷдон ва бо шеъри баланд фоҷиаи рӯзгори моро ҷовидона созад. Бо нигоҳи жарф ба осори устод Лоиқ ба осонӣ метавонем он чиро ки бо фармони дилу ҷон гуфта ва бо гунаи дебое «танида зи дил бофта зи ҷон» падид овардааст, ташхис намоем. Ва хушбахтона ағлаби шеърҳои Лоиқ чунин аст. Бо баррасӣ дар осораш ба хубӣ ҳувайдо мешавад, ки ба гузашти замон ва ошноӣ бо фарҳанги асили форсӣ-тоҷикӣ андеша ва осораш сайқал ёфта ва суханонаш устувору пурмағз ва оташин ва ширин шуда аст. Шамси Қайси Розӣ мефармуд: «...бидон, ки шеър дар асли луғат дониш аст ва идроки маъонӣ...» Устод Лоиқ бо дарки ин маънӣ аз донишҳои лозима бархурдор шуда буд ва талошаш ба маъниофаринӣ бештар буд... Замоне ман ҳамаи навиштаҳоеро, ки дар ҳадди имкони ман буд, дар бораи шеър

гирдоварӣ кардам ва дар сӯҳбате бо устод Лоиқ аз ину он иқтибос мекардам. Ӯ бо як табассуми малеҳ ба ман гуфт, додарам, ман бархе аз китобҳоеро, ки ном бурдӣ, хондам, талош кардам донам, ки шеър чист, вале то кунун, бароят мардона қоил мешавам, намедонам, ки шеър чист ва фикр мекунам ҳеч каси дигар ҳам то охир ба жарфо ва паҳнои мафҳуми шеър нарасидааст. Баъдан устод Лоиқ дар ин мавзӯъ шеъре ҳам навишт. Гуфтам, устод шеъри бисёр хуб аст, гуфт – Шеър он чизест, ки аз пиндори мо болост, он нурест, ки роҳи моро рӯшан месозад. Гуфтам, устод, ҳамон фурӯғи эзадист, ки ба дили ҳар кӣ битобад аз ҳамгинон бартарӣ ёбад ва шумо хушбахтед, ки ин фурӯғ ба Шумо расида. Устод гуфт фарри эзадӣ ба подшоҳӣ мерасонад ва хандид, ман гуфтам ҳамчунин гузаштагони мо бовар доштанд, ки аз неруи ин нур аст, ки касе дар камолоти нафсонӣ ва рӯҳонӣ комил гардад аз сӯйи худованд ба паёмбарӣ баргузида шавад. Ва аз Зардушти Спитамон – нахустин паёмбари ростин ва нахустин шоири ростин ёдовар шудем...

Шопенҳауер гӯяд: – Шеър ҳунари ба кор андохтани пиндорҳост ба дастёрии вожаҳо ва Кант андешаманди бузурги олмонӣ мегӯяд: «... аз миёни ҳама ҳунарҳои зебо шеър баландтарин ва нахустин пойгоҳро дорад, зеро ба неруи пиндор ва тасаввур озодӣ мебахшад ва табъро густариш медиҳад ва метавонад аз миёни ҳама суратҳои бекороне, ки ба як маънии рӯшан ва устувор вобаста ҳастанд, он суратҳоеро намоиш диҳад, ки маънии номбурдаро ба як фаровонии андеша ҳамроҳ месозад ва онро суратгумон ва пиндор (идея) медиҳад. Аз сӯйи дигар тавоноии раҳо гашта аз фармони табиъатро рӯшантар сохта, то он ки битавонад табиатро чун ҳама диданиҳо бубинад ва кореро ки анҷоми он аз тавоноии ҳис ва фаҳм берун аст, анҷом диҳад... Аъмоли шоирии устод Лоиқ барои мо ин ҳақиқатро собит мекунад...

Устод оромиш ва осоиш мехост, ки барояш имкони кору офаридгориро диҳад, оромиш ва осоише, ки барои ӯ ҳаргиз, чунонки мебояд, насибаш нашудааст... Дар замони шӯравӣ, зери фишори шадиди идеулужи ҳоким буд, гоҳе авқот он чи ки дилаш мехост имкони гуфтан надошт, вале

бо ин ҳама бо нубуғи шоирӣ, ки бидуни шак худодод аст, он чизҳоеро гуфт ва он нукотеро рӯшан кард, ки то устод, касе аз ҳомазанони мо дар он бор ҳатто фикр накарда буд. Дар он рӯзгор ҳарфҳои миллию меҳаниеро устод ба адабиёт кашид, ки аз як сӯй мағзҳои моро таҳрик мекард ва аз сӯи дигар шоирону адибони моро низ, ба ҳамон ҷараён мекашид ва бисёриҳоеро медонем, ки баъд аз устод Лоиқ сари камзамин будани Тоҷикистон, фоҷиаҳои миллӣ, ҷудо шудан аз асли хеш, эҳсоси эроният таваҷҷӯҳ зоҳир намуда ва дар ин роҳ корҳои шоёнеро анҷом доданд. Хулоса, ҳеҷ худованди завқеро дар кишвари мо наметавон ёфт, ки аз осори ӯ димоғе тар насохта ва дил бад-ӯ набохта бошад...

Дар он солҳо устод Лоиқ баъзе шеъргунаҳоеро низ бо «амри Ватан» барои чашмбандӣ аз ину он ва дарёфти маъош ва барои намоиши чашмбандонае ба масъулин гуфтааст, то дар канори он ҳарфҳо ашъори ростинашро низ ба табъ расонад. Дар он рӯзгор агар Лоиқ ва шоирони дигари мо, гоҳо ба гуфтани ашъоре мавзӯъҳои камарзиш, барои намоиш ва ситоиш, вале на ба сӯзи дил ва амри виҷдон сохта, намепардохтанд, бароятон ҳазор монеъа эҷод мекарданд ва эҳтимоли ба дасти мардум расидани осори ростини эшон хеле ночиз буд. Вале бо ин ҳама ашъори устод Лоиқ дар он солҳо ҳамвора силсилаҷунбони ҷунбишҳои иҷтимоии андешамандони тоҷик буд... Рӯҳи миллӣ ва ифтихори миллиро мо аз ашъори Лоиқу Бозор ёд гирифтем... Устод дар орзуи эҳёи сунани миллӣ, бомаърифатӣ, пешравӣ, худшиносӣ ва сарафрозии миллат буд... Дар он солҳо буд, ки по ба пойи ҷаҳон Тоҷикистон низ дар ҳоли дигаргунӣ буд ва мардуми озода барои дарҳам шикастани садҳо ва даридани пардаҳои нодонӣ, ки бар асари фарогӯиҳои кумунистон дар ҷилави андешаҳо кашида шуда буд, камари ҳиммат баста буданд.

Устод Лоиқ, ки сари пуршӯре дошт, наметавонист аз чунин гирудоре дур бимонад. Ва шеъри ӯ ҳамеша дар ҷилави андешаҳо қарор дошт:

*Чароғи ленинӣ нураш адо шуд,*
*Чароғи дину имонат муборак.*

Устод Лоиқ аз мафоҳили болонишинон ва замондорон канора меҷуст. Ёд дорам, соли 1990, вақте ӯро ба дафтари дабири аввали ҳизби куммунист даъват намуданд (ман дар дафтари кории ӯ, нишаста будам), бо кароҳат баҳонаҳое пеш меовард, ки дар мулоқот бо раҳбари ҷумҳурӣ ҳозир нашавад... Мегуфт, инҳо маро намефаҳманд, чанде пеш соатҳо талош кардам, ки зарурати расмӣ шудани забони тоҷикиро (форсиро) ба эшон фаҳмонам, мисли ин ки дар гӯши хар шашмақом хонда бошам... Беҳуда аст, баъд аз ҳар мулоқот фишори хунам боло меравад... Гуфтам, устод, роҳи дигаре нест, афроде мисли Шумо бояд ба инҳо фаҳмонад, ки расмӣ шудани забони форсӣ дар Тоҷикистон як амри заруриист. Барои ба болонишинон фаҳмондани ин масъала мо аз дигарон ақиб мондаем. Мо на фақат забон, балки бояд хатти форсиро эҳё кунем... Устод гуфтанд, – ҳоло мон, аввал забонро расман давлатӣ эълон кунанд, баъд дар бораи эҳёи хат низ бояд талош намуд.

Вақте ман дар Маскав номае таҳия намуда, имзои бузургтарин нависандагони шӯравии собиқро гирифтам ва ба унвони масъулини вақти давлати Тоҷикистон ирсол кардам, аввалин касе, ки аз ин иқдом изҳори хушҳолӣ кард, Лоиқ буд. Ин мурочиатномаи бузургтарин чеҳраҳои илму адаби шӯравӣ, ки дар он сухан аз собиқаи пуршукӯҳи забони форсӣ ва зарурати расмӣ шудани ин забон дар Тоҷикистон буд, аввал дар рӯзномаи русии «Коммунист Таджикистана» ва баъдан дар рӯзномаи тоҷикии «Ҷумҳурият» ба табъ расид. Чопи ин муроҷиатнома дар Тоҷикистон сару садое эҷод кард..., ки тафсилоти онро дар ҷои дигар гуфтаам. Вале ҳамон замон устод Лоиқ, устоди азизи ман, Муҳаммадҷон Шакурӣ ва устод Акбари Турсунзод, ки барои расмӣ шудани ин забон, беш аз дигарон талош намуда ва саҳм доранд, аз ман офарин гуфтанд, ки он муроҷиатнома барои ҳаллу фасли масъалаи расмӣ шудани забон нақши муассире дошт... Устод Лоиқ на фақат аз беҳтарин донандагони забони форсӣ дар Тоҷикистон буд, балки бо осори хеш дар густариш ва эҳёи дубораи ин забон дар Варорӯд нақши бузурге доранд, на фақат муҳаррики эҳёи муҷаддади забо-

ни шоирона дар Тоҷикистон буда, аз баракати ҳунари ӯ садҳо вожаи ноби форсӣ дубора дар адабиёти мо роиҷ шуд, балки даҳҳо вожаро медонем, ки устод Лоиқ сохтааст ва хуб сохтааст. То устод Лоиқ тоҷикон вожаи «чархбол»-ро намедонистанд, ба ҷои он «вертолет» мегуфтанд, дар Эрон бошад «ҳелекуптер» ва дар Афғонистон «хеликуптар» мегуфтанд. Ҳоло вожаи «чархбол», ки сохтаи устод Лоиқ аст ва бори аввал устод дар тарҷумаи китоби «Диёри домани гардун» истифода карда буд, на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Эрон низ роиҷ аст ва ирониён аз забони тоҷикон иқтибос шудани ин вожаи сараро эътироф кардаанд... Нақши устод дар густариши сара шудан ва пешрати забони форсӣ дар Тоҷикистон, саҳми 1 дар вожасозӣ, шеваи баёну сабки шоирии ӯ, баррасии жарферо тақозо дорад ва ман итминон дорам, ки амри муҳим дар оянда анҷом хоҳад ёфт... Ҳар ойина гуфтугӯ дар шева ва равишу ойини сухани устод Лоиқ аз гунҷоиши ин гуфтор берун аст ва ёди ҳама вижагиҳои ӯ, аз дафтаре афзун аст:

*Шарҳи ин ҳиҷрону ин хуни ҷигар*
*Ин замон бигзор, то вақти дигар.*

Зимомдорон ҳамеша аз обрӯю эътибори устод Лоиқ ва маҳбубияти ӯ дар назди мардум меҳаросиданд ва талош мекарданд, ки ӯро ба худ наздик намоянд ва аз ӯ ба суди хеш истифода кунанд. Чунонки панҷоҳумин солгарди зодрӯзи устод Лоиқ дар саросари кишвар бо шукӯҳу азамати фаровон таҷлил шуд ва дар ин ҷашн мақомоти расмии кишвар фаъолона ширкат варзиданд. Афроди огоҳ ҳадс мезаданд, ки зимомдорон аз ин роҳ мехоҳанд обрӯю эътибори аз даст рафтаи хешро боло баранд. Дар он солҳо ҳукумат, ки дастнишондаи Маскав буд ва ҳокимин, ё равони миллӣ надоштанд ва ё аз тарси Маскав талош менамуданд, ки проблемаҳои миллии кишварро пинҳон намоянд, дар ҷомиъа эътибор ва такягоҳи зиёде надоштанд. Ва бидуни шак афроде мисли устод Лоиқро мехостанд ба худ наздик намоянд ва ба мардум ҷилва диҳанд, ки онҳо аз ин роҳ аз ойинҳо ва орзую омоли мардум ҳимоят мекунанд...

Дар чанд соли охир низ, дар маҳофиле мухталиф аз устод даъват мекарданд, ӯ ба ман гуфта: ман аз чунин маҳофил мутанаффирам, вале ба ночор ва аз лоилоҷӣ дар бархе аз онҳо ширкат мекунам ва агар имконе даст диҳад, талош мекунам, ки аз тавони онҳо истифода намуда, пеши роҳи зиштиҳо, пастиҳо ва фурумоягиҳоро бигирам...

Сахт душвор аст ба ин тоифа, чизеро фаҳмондан, вале чорае нест...! Бояд бисозем ва талош кунем, ки аз бунбаст раҳой ёбем. Хатари маҳв шудани Тоҷикистон вуҷуд дорад... Бояд ҷони худро фидо кард, вале нагзошт, ки Тоҷикистонро аз даст бидиҳем... Мо ҳанӯз дарк накардаем, ки ҷудоихоҳиҳо, маҳалгароиҳои аблаҳона ва худношиносиҳоямон то куҷо хатарнок аст... Дидам, ки устод хело ранҷ мекашад. Боре барои устод як мақолаи доктор Сайид Муҳаммадалии Саҷҷодиро «Аз забону фарҳанг то ҳумоми хун» ном дошт, фиристодам ва гуфтам: Ин оқо ҳамдарди мост. Устод баъди чанде дар сӯҳбати телефунӣ аз ман ташаккур кард ва гуфт: хуб аст, ки аз воқеиятҳои зиндагии мо, дар Эрон бештар огоҳӣ ёбанд. Устод Лоиқ аз ҷудоие, ки дар дарознои таърих миёни мо ва форсизабонони дигар рух дода ва боиси фоҷиаҳои пай дар пай ва ранҷу озорҳои фаровони як миллати воҳид, ки имрӯз дар кишварҳои мухталиф ба сар мебаранд, бисёр ранҷ мекашид ва дар бисёре аз шеърҳо ва навиштаҳояш мо осори ин дарду ранҷро эҳсос мекунем. Устод мегуфт, ҳазорсолаҳо фармонравоёни зиёде омаданду як кишвари воҳидро пора-пора намуда, ҳукумат карданд, вале мардум яке буданд ва сарнавишт яке ва дар даруни ин сарзамин ҳунар ва адаб ва тамаддуни ягонае ҷараён дошт. Дасти тақдир пайвандҳоро аз ҳам гусаст ва дар қуруни охир кор ба ҷое расид, ки имрӯз бародар бародарро намешиносад. Вале устод аз робитаи мо бо Эрон бисёр хушҳол мешуд ва дилаш мехост, ки миёни кулли форсизабонони эронинажод, ваҳдати комил ҳукмфармо бошад.

Устод Лоиқ бо алам ва бо дард аз ҷудоиҳо ҳарф мезад ва боз ҳам умедвор буд, ки рӯзе мо худро хоҳем шинохт. Рӯҳи армонхоҳии устод Лоиқ дар силсилаи шеърҳои «Илҳом аз «Шоҳнома» ва ашъори фаровони дигар, ба хубӣ ҳувайдо мешавад ва агар устод Лоиқ чизи дигаре ҷуз

«Илҳом аз «Шоҳнома»-ро ҳам намесуруд, барои ин ки маниш ва гавҳару донишу тавоноии ӯро дар сухан намоён созад, басанда буд... Устод Лоиқ дар чакомае мегӯяд:

*Пешаи ман, маншаи аҷдоди ман*
*Асли ман, Эрони ман, бунлоди ман...*
*Гар набошӣ, синаи мо мебарад*
*Душмани имони ман – ҷаллоди ман.*
*Чанд ғофил мондӣ аз дарди дилам*
*Як тӯӣ имрӯз ҳамфарёди ман.*
*Баъди Сомонӣ, маро сомон намонд,*
*Бод бар каф шуд ҳунарободи ман.*
*Аз Вароруд ин ҳама ғофил мабош,*
*Дасти Рустам ёз, бар имдоди ман.*
*Нури ҷоми Ҷам бияфкан дар дилам,*
*Шодмон кун, ин дили ношоди ман...*
*Зимни номи ту, ба фардо мебарад*
*Тӯшаи торихро, авлоди ман...*

Шоири армонҳои мо, дар «Соқинома»-аш, ки аз беҳтарин соқиномаҳои адабиёти форсист, фармуда буд:

*... Бидеҳ косагул, оби ангури мо*
*Ки бинем он рӯзи манзури мо.*
*Ки ояд яке мушкилосони мо*
*Ки орад ба сад дард дармони мо*
*Яке ояду гӯяд аз ҷони мо:*
*Ба ҳам ҷӯш хур, эй Хуросони мо!*
*Ки дар гардиши ҷому даврони мо*
*Нигаҳбони мо бод яздони мо*
*Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,*
*Ки бинем он рӯзи манзури мо.*

Устод Лоиқ ҷудо шудан ва канда шудан аз асли хеш, дур шудан аз решаҳо, аз даст додани ойинҳои неки ниёгон, бегонапарастӣ, фаромӯш гаштани русуми куҳан ва аз ёд рафтани ҷашнҳои бостонӣ, ки ҳар яке бар фалсафаи жарфи зиндагӣ устувор буд ва ба вижа, пора-пора шудани Эронзаминро ангезаи ин ҳама тирарӯзӣ медонад ва бонг баланд мекунад: – «Эй Хуросон, ту бигӯ, соҳати Эронвиҷ ку?!! Чакомаҳои баланди Лоиқ бо шӯр ва гармӣ ва хуруши

фаровон суруда шудаанд ва худовандони завқу адаб до- нанд, ки чакомаҳои ватанхоҳонаи устод Лоиқ аз назари армонхоҳӣ ва рӯҳи баланд дар миёни ҳамаи чакомаҳое, ки бар ин ойин суруда шудаанд, беҳамол мебошанд.

Устод Лоиқ ошиқи меҳан ва мардумони кишвараш буд. Афроди зиёде дар солҳои ҷанги худкушии мо, аз устод даъват намуданд, ки ба таври муваққат Тоҷикистонро тарк кунад. Баъд аз қатли фаровони рӯшанфикрони тоҷик, баъзеҳо аз он меҳаросиданд, ки эҳтимоли кушта шудани устод Лоиқ низ ҳаст, чаро ки устод Лоиқ ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ замоне дар қолабҳои қарордодӣ намегунҷид. Аз ин рӯ даъват мекарданд, ки муддате ба ягон кишвари дигар бираваd ва он ҷо бимонад. Шаҳрҳои Теҳрон, Алмотӣ, Маскав ва ғайра барои макони зисти муваққатии устод пешниҳод шуда буд.. Боре ба ман дар посух ба даъватам ба қатъият гуфт: – Ман ба ҷое намеравам, агар зинда бимонам, бояд ҳамин ҷо зинда бимонам ва агар ҳам бимирам, бояд дар ин ҷо бимирам! ва илова кард – ҳарчанд эҳтимоли маро куштанашон низ мавҷуд аст... вале ман наметавонам ба ҷойи дигаре биравам ва дур аз Тоҷикистон бошам... Боз илова кард, лекин барои як муддати кӯтоҳ ва каме дур шудан аз ин муҳит, мехоҳам пеши ту биёям. – Додарам, омода бош! Гуфтам, устод ман аз худо мехом, ки дар хидмати Шумо бошам, вале дареғо, ки ин имкон бароям муяссар нашуд... Чанд рӯз пеш аз марги нобаҳангоми хеш, устод, аз тариқи телефун хабар дода буданд, ки барои рафтан ба «шаҳри Шумо» билет гирифтам... интизор бош... Вале афсӯс, ки «ғамаш дар ниҳонхонаи дил бимонд»...

Баъд дарк кардам, ки ба ҷое намеравам гуфтани устод фақат ва фақат ба ин иллат аст, ки таъми шаранги андӯҳҳои миллатро аз наздик чашидан мехост, мисли ҳамон паҳлавони бостонӣ буд, ки дар тираруӯзиҳо бо мардум буданро аз ҳама чиз авлотар медонист ва ҳамчунин мӯътақид буд, ки ҳунару фарҳангу адаби ин марзу бумро мебоист дар ҳамин обу гил парваронид. Ӯ мегуфт, ман бе ин миллат ҳеҷам...

Муҳимтарин вижагии ашъори устод Лоиқ равонӣ ва ширинии баёни ӯ буд. Ӯ ҳаргиз ба мубҳам гуфтан моил на- буд. Печидатарин дардҳо ва гиреҳҳоро бо соддатарин баён

бозгӯ мекард. Устод сабки хуросонӣ ва шеваи баёни Одамушуаро Рӯдакии Самарқандиро бисёр дӯст медошт ва гоҳо аз сабки ӯ пайравӣ мекард. Ва дар воқеъ устод Лоиқ мисли ниёи бузургвораш дар сабки нигориш, гоҳо ба «саҳли мумтанеъ» даст ёфта буд...

Ӯ қудрате дошт, ки амиқтарин авотифи инсониро дар қолабҳои мухталифи шеърӣ ва вуҷуҳи мухталифи трожедии мардум ва ба хусус мардуми мазлуми кишвар омезиш диҳад ва дар беҳтарин бистаре ҳаводиси талху ширини зиндагии онҳоро ба ҳамдигар пайванд занад, ки ту гӯйӣ бисёр содда аст, вале ба ҳеҷ ваҷҳ дастрас намебошад...

Ман фикр мекунам, устод Лоиқ, барои баёни маъонии муҳим, бо дарки сатҳи маънавию фарҳангии ҷомиъа, талош мекард, то аҳдофи худро бо баёни содда ва равон ба мардум бирасонад. Ин буд, ки шеъри ӯ беш аз шеъри дигарон дар ҷомиъаи мо, нуфуз ва маҳбубият дорад... маҳофил ва маросиме нест, ки дар он шеъри устод Лоиқ иқтибос нашавад. Бисёре аз байтҳои пандомези устод ба ҳадде мардумӣ шуда ва сари забонҳост, ки чунин эътирофи ҳамагонӣ аз сӯи мардум дар торихи адабиёти мо бисёр кам иттифоқ уфтодааст:

Чун сухани устод Лоиқ аз матну батни зиндагии мардум моя мегирифт, бисёр муҳим буд, ки баёни маъонии муҳим ба содагию бепироягӣ таҷассум ёбад. Чунон ки устод мефармояд:

*Сухан пироя мехоҳад, агар дар зиндагӣ пирояе бошад,*
*Сухан дилмоя мехоҳад, агар дар зиндагӣ дилмояе бошад.*
*Дар ин даврон, ки ҷисми зиндагӣ урёну гирён аст,*
*Сухан нолон, сухан гирён, сухан ҳам низ урён аст...*

Чунонки ишора шуд, ашъоре, ки устод Лоиқ дар давоми ҳашт соли охири умри пурбаракати худ офарида аст, бисёр ҳузнангез буда ва дар онҳо устод борҳо аз марг сухан мегӯяд, аз беқадрии инсон ва хору залил шудани он гиря мекунад ва моро мегирёнад:

*Шому саҳар ба сад фиғон фарёд мекашам*
*Аз магз-магзи устухон фарёд мекашам...*
*Байни замину осмон тоҷик хор шуд,*
*З-ин остон ба осмон фарёд мекашам...*

* * *

*Ин харобазамин диёри ман аст*
*Марзи хунини ёдгори ман аст...*
*... Оҳи ман гӯрро битарконад*
*Оҳи ман, оҳи рӯзгори ман аст.*
*Халқи тоҷик гар надорад пос*
*Гӯри торик посдори ман аст...*

* * *

*Кушед ин замонаро, ки мекушад тароնаро*
*Даруни чашм мекушад нигоҳи шоиронаро...*
*... Ман аз талиъаи саҳар паёмоварам, вале*
*Замони ман намехарад талеъаи замонаро...*

Ин гуна пораҳоро метавон фаровон иқтибос кард. Бори отифии ин шеърҳо ҳамоно жарфтарин эҳсоси хорщудагӣ аст. Ин ҷо на хории андешаи инсони пешрафтаи имрӯз, ки дониста дар баробари сарнавишти ҷаҳонии хеш аст, балки як ҳолати отифии шоирона дар баробари вопасравӣ ва ақибмондагии ҷомиъа дар нисбати ҷомиъаҳои пешрафта ва мутамаддин аст, ки шоири моро ба риққат овардааст ва мегирёнад.

*... Гирям аз он ки аз бунмояи ин қисмати талх,*
*Ман сухан гӯям агар, нест касе ҳамсуханам.*
*Гирям аз он ки ба жарфои чунин фоҷиае*
*Нашавад хира кас аз ҳамнасабу ҳамватанам.*
*Гирям аз он ки ду се бетарафе бешарафе*
*Ба сарам санг биборанд, ки ман дам назанам.*
*Гирям аз он ки ту танҳоиву ман танҳотар,*
*Ватанам, о ватанам, о ватанам, о ватанам.*

Ашъори устод Лоиқ дар бораи хор шудани отифа, ки инсонро ба сӯи ҳеҷ будан ва нотавонӣ намекашад, балки баръакс ба назари ман ин шеърҳо неруи бедоркунанда ва хушёркунанда доранд, нӯшдоруе ҳастанд, ки дилҳои мурдаро равони тоза мебахшанд ва метавонанд бунёди ра вонии исён бошанд. Инсони Лоиқ дар ин шеърҳо инсонест, ки ба ӯ нагуфта фаҳмондаанд, ки «ту чунон хоҳӣ буд, ки мо мехоҳем». Вале ӯ наметавонад, ҳаргиз ин ҳақиқат, ин

иҳонатро бипазирад. Инсони Лоиқ мурданро аз зиндагии ғуломона авлотар медонад ва барои ӯ, шоирона зиндагӣ кардан ва шоирона мурдан, бо ному нанґу номус ба сар бурдан, шарафи хешро ҳифз кардан, авлотар аз ҳама чиз аст. Инсони Лоиқ инсони созанда аст ва фарёдҳои Лоиқ инсонҳоро ба сӯйи бедорӣ мекашад. Ӯ аз ҳеҷ чизе ҳарос надорад ва ошкоро бонг буланд мекунад: Куҷо мушти қавӣ, к-ин муштҳоро пушти сар тобад, Зи бас ин мулк дар чанги ду-се дузду чапан мондаст. /!/ Ин инсонест, ки мехоҳад «оламе дигар бисозад в-аз нав одаме». Хулоса, бе он ки хоста бошем, ин осор моро ба сӯи худ мекашад...

Устод Лоиқ дар давоми фаъолияти адабии худ на фақат ашъори Рӯдакӣ ва шоирони сабки хуросониро огоҳона тарғибу ташвиқ менамуд, балки борҳо аз вожаҳои ноби форсии дарӣ ва паҳлавие, ки дар осори шоирону нависандагони даврони Рӯдакии Самарқандӣ ва Фирдавсии Тӯсӣ фаровон истифода шуда ва дар адвори баъдӣ ҷойи ин вожаҳоро каламоти арабӣ гирифта буд, истифода менамуд ва барои пок намудани забони мо, аз ҳама гуна вожаҳои бегона талош меварзид. Ӯ дар ин замина, низ дар Тоҷикистон рақибе сазовор надошт. Ашъори зайл аз шеваи баёни устод Рӯдакии Самарқандӣ – «он тирачашм шоири рӯшанбин» ёдовар аст, вале аз воқеияти рӯзгори мо шаҳодат медиҳад.

*Худойгоно, худойгоно, зи одамият куҷо нишоно?*
*Чаро ба гӯшам зи ҳар забоно равад гирево,*
*расад фигоно?*
*Бубин ту хасро шуда Сикандар,*
*бубин магасро шуда Самандар*
*Ба рағми ино алайҳи оно, куҷост тобо, куҷо тавоно?*
*... Шудаст мазҳаб фидои мансаб,*
*шудаст мансаб фидои матлаб*
*Касе надорад ғами раият на хаскашоно,*
*на шаҳкамоно.*
*Ба кӯю барзан ба ёди арзан кушода кафҳо чи мард,*
*чи зан,*
*Куҷост дасти мададрасоно,*
*куҷост табъи гуҳарфишоно?*

*На роҳи равшан, на моҳи равшан, на мони хӯрдан,*
*на чони мурдан,*
*Касе наёрад зи кас бипурсад, чаро чунино,*
*чаро чуноно?...*
*Ба ҳар қадам бин туфангдоре,*
*баробари ӯ чӣ ҳанг дорӣ?*
*Напурс эй дӯст, (ки мони бепӯст) кучост коҳо,*
*кучост доно?*
*Зи чор сӯят, миёни кӯят, туро бичӯяд дусад адӯят,*
*Кучо ясоро, кучо ямино, кучо яқино, кучо гумоно?*
*Дар ин замино, дар ин замоно бидеҳ шаҳомат*
*ба точиконо,*
*Тамомбино, тамомдоно, худойгоно, худойгоно!*

Устод Лоиқ бидуни тардид, бузургтарин ғазалсарои рӯзгори мо дар Точикистон буд. Иддае аз мунтақидони адабӣ бар он ақида ҳастанд, ки рӯзгори ғазал гузашта ва ҳоло наметавон дар ин қолаби классик ҳарфи чадиде гуфт. Иштибоҳи ин тоифа бар он аст, ки онҳо хеле қолабӣ тасаввур мекунанд ва фикр кардаанд, ки ғазал ҳамоно баёни эҳсосҳои ночизи як нафар аст. Дар асл ба назари ман, устод Лоиқ, тағаззулро ба ҳеч вачҳ кори хусусӣ намедонист. Ғазалу ғазалвора дар ҳақиқат, баёнкунандаи амиқтарин ва умумитарин ғамҳо ва шодиҳои инсонӣ аст ва устод Лоиқ дар рӯзгори мо собит намуд, ки ин қолаби суннатии назми порсӣ қудрате дорад, ки боз ҳазорон сол баёнгари дарду армонҳо ва беҳтарин ва ширинтарин эҳсосоти инсонӣ хоҳад буд. Устод Лоиқ аз он шоирони нодире буд, ки метавонанд бар тавсани саркаши қофия лагом бизананд ва қавофии нофармон ва ваҳшии ғазалро ба зери рикоби эҳсоси худ бикашанд. Ғазалҳои устод аз зеботарин сурудаҳои адабиёти Точикистон аст. Устод Лоиқ боре гуфта буд, ки қурбони диле ҳастам, ки тавонад ҳам кина биварзад ҳам ишқ.. Дар воқеъ худаш аз он «дарёдилоне» буд, ки беамонтарин тӯфон ва жарфтарин оромиш дар қалби ӯ хона дошт, вақте безорӣ мечуст, бошиддат безорӣ мечуст ва ҳам вақте дӯст медошт аз дилу чон дӯст медошт. Шоире гуфта буд, ки барошуфтани мо шӯълавар оҳест, ки моҳро сиёҳ мекунад; ва ором гирифтани мо оинаест, ки хуршед

дар зулолаш дучандон шукӯҳманд мегардад. Устод Лоиқ фармуда буд:

*Эй дили дардошно!*
*Он қадар афрӯхтӣ, к-аз худфурӯзиҳои ту,*
*Шуд тамоми гӯшаҳои зиндагонӣ шӯълабор.*
*Сӯхтӣ он қадр, к-аз ту оташи ҷовид монд.*
*Он қадар мурдӣ, ки аз ту монд Кохи ёдгор...*

Ғазалҳое, ки устод дар солҳои охир гуфта буд, ҳама ба назари ман ашъорест, ки дур аз ғаму шодиҳо ва ишқу хаёлҳои худист. Дар ин ғазалу газалгунаҳо дарду армонҳои умумимиллӣ таҷассум ёфтааст. Ба гумони ман, дар ин ғазалҳо Лоиқ забони гӯёи як миллати мазлум, вале гарданфароз аст, ки дорои эҳсосоти мавзун ва димоғи пурҳаяҷон ва ахлоқи олист, ки фарёд мезанад ва мехоҳад аз бунбаст раҳой ёбад. Мазмуни ашъори устод Лоиқ дар солҳои охир як ранги аслию муштараке доранд. Ин рангу бӯйи муштарак аз тирагӣ ва нобасомонии рӯзгори кунунӣ ва умед ба рӯшанӣ ва дамидани субҳи фардо, нафрат аз ҷангу хунрезӣ ва беқадрии Инсон, ишқ ба Озодӣ ва озодагӣ нигаронӣ барои фардо, нигаронӣ аз худношиносии инсонҳо, ғамгусории инсон ва ғайра иборатанд...

Барои намуна метавон чанд порае аз ғазалҳои ӯро ёдовар шуд:

*Барфе шунавӣ оҳу роҳе биравӣ чоҳ аст,*
*Аз мӯрии ҳар хона дуди гами ҷонкоҳ аст.*
*Ҳарфе зи Ватан гӯӣ, тират ба даҳан ояд,*
*Ин ҷо на ватангоҳу на ҷои ватанхоҳ аст...*
*Ку шоҳу вазири мо? Ку ақли кабири мо?*
*Кӯрист вазир ин ҷо, зӯрии камон шоҳ аст.*
*Ояндаи миллатро дар чорсӯи торих*
*Раҳдон ду-се худхоҳу раҳбар ду-се гумроҳ аст...*

* *

*Сухан вирди забонҳо буд, имрӯз аз даҳан мондаст,*
*Забониноби тоҷикӣ бурун аз анҷуман мондаст.*
*Чу ҳар хору хасе даъвои шеъру шоирӣ дорад,*
*Дилам аз шоирӣ мондасту, аз шеъру сухан мондаст...*

Ин сатрҳо шаҳодати рӯзгори кунунии миллати мост ва ҳамзамон зодаи эҳсосҳои отифона ва андешаҳои дардноки як мағзи мутафаккир аст, ки ҳасратҳоро баён мекунад ва дарҳоро бозгӯ менамояд. Шеършиносе фармуда буд, ки барои ин ки бифаҳмем шеъри кадом шоир беҳтар аст, боястӣ шарҳи ҳоли ӯ ва шарҳи ахлоқи ӯро ба даст биёварем ва мавоқеъе, ки шеъре гуфта, он мавоқеъро низ кашф кунем, он гоҳ хоҳем дид, ки нисбати кулли аз ҳайси ахлоқ ва нисбати хусусӣ аз ҳайси ҳаяҷони шоири то куҷо ба ҳам мутобиқ ва мувофиқ аст, вақте ин нисбатро пайдо кардем дармеёбем, ки шоир шеъри хубе гуфтааст.

Ашъори устод Лоиқ ба назари ман гувоҳи он аст, ки гӯяндаи онҳо дорои ахлоқи писандидаи инсонӣ ва ҳаяҷони пуршӯри шоирист ва ин ахлоқ ва эҳсосоти шадид пайванди ногусастание ба макон ва замон ва муҳити зиндагии ӯ дошта аст. Шоире, ки замоне ошиқтарин шоир муаррифӣ мешуд ва аз шиддати эҳсосҳои шодиовари хеш ҷаҳонеро шод мекард ва мутмаъин буд, ки шеъри ошиқона, аз ҳамон оғоз, то имрӯз дар адабиёти ҳамаи кишварҳо авҷи шеър ва волотарин гунаи шеър будааст ва ҳанӯз ҳам чунин аст ва дар оянда низ ҳамчунин хоҳад буд ва беҳтарин ошиқонаҳоро сурудааст ва ҳамаи ҷавонони ҳамнасли ман, ошиқонаҳои устод Лоиқро ба маъшуқаҳои худ қироат мекардаанд, ба иллати вазъи ҳузнангезе, ки меҳани азизи мо ва мардумони сарсахт ва бечорааҳволи кишвар, дар ҳоли ҳозир доранд, бо рангу бӯи дигаре ва мутобиқи ҳол сухан мегӯяд:

*Сӯи бесӯи равонем, эй дареғ аз сӯи мо,*
*Кӯи некӯе надорем, эй дареғ аз кӯи мо.*
*Чеҳраҳо туршидаву пажмурдаву мотамзада,*
*Рӯи инсонӣ надорем, эй дареғ аз рӯи мо.*
*Бӯи хуну бӯи мурда мерасад аз хушку об,*
*Бӯи беҳрӯзӣ надорем, эй дареғ аз ҷӯи мо.*
*Модари зояндаи ояндамон астарвон аст,*
*Сӯи бесӯӣ равонем, эй дареғ аз сӯи мо.*

Чаро ки безории шоири ростин аз зиштӣ, палаштӣ ва дурӯғу риё ба ҳамон андозаест, ки ишқи ӯ ба зебоӣ, шараф ва ростӣ будааст...

Устод Лоиқ ҳамеша аз ҷудой, аз ранҷ, аз азоби алими ҳаммеҳанон, аз фақри маънавии ҷомиъа, аз худношиносӣ ва хештанкушии мо нолид, вале дар лаҳазоти шодӣ чунон шод буд, ки шеър ба ростӣ дар забони ӯ ба рақс бармехост. Барои мисол аз шеъри маъруфи «Нӯшбод» метавон ёдовар шуд. Шеъри мазкур аз нахустин сатр: – Ба дастам ҷоми хайёмӣ – хонандаро ба худ мекашад ва дар воқеъ он қадар пурҳаяҷон ва бо шӯру шааф суруда шудааст, ки гумон мекунам нерӯи бисёр ангезонандае дорад ва кас вақте чунин ашъорро мехонад, тамоми вуҷудашро ғайрат ва енержӣ фаро мегирад. Ва ё ашъоре, ки устод дар он аз рӯзгори бачагию навҷавониҳояш ёд мекунад, аз ҷумла шеъри машҳури «Баччагиям бе касу танҳо гузашт...» он қадар ҷаззоб ва он қадр зебо суруда шудааст, ки хонандаро ба ҳамон муҳити бисёр қашанги отифӣ мекашад:

*Шаст меандохтам бар рӯди маст,*
*То биафтад моҳии тилло ба даст.*
*Баччагиям бо умеди моҳии тилло гузашт.*

*Ханда мекардам ба сӯи шаршара,*
*Ханда меомад зи ҳар санги дара*
*Баччагиям ханда бар лаб лаб-лаби дарё гузашт.*

*Номаҳо бинвишта будам беҳисоб*
*Лек аз он сӯ намеомад ҷавоб...*
*Баччагӣ чун номае бар ёри бепарво гузашт.*

*Баччагӣ гӯё буду гӯё набуд,*
*Баччагӣ аз мо буду аз мо набуд,*
*Бехабар мондем, то дидем фарсахҳо гузашт...*

Озодагию бепироягӣ, ёри расондан ба ҳамнавъони худ ва бениёзӣ аз вежагиҳои боризи ин устоди сухан буд. Ҳангоме ки шоири мумтози мо Бозор Собирро зиндонӣ карданд, Лоиқ аз аввалин касоне буд, ки барои озодии ӯ, талош кард. Устоди фақид Муҳаммади Осимӣ, ба ман нақл карданд, ки баробари шунидани хабари ҳабси Бозор Собир, Лоиқ пеши ман омад, авзоъаш парешон ва рӯҳафтода буд. Дарёфтам, ки хабари ҳабси Бозор, бисёр аъсобашро хурд карда буд. Талош намудам, ки оромаш кунам, гуфт, инҳо

то Бозор ҳам расиданд, ақлашон қад намедиҳад, дарк кунанд, ки худашонро беобрӯ мекунанд... Гуфтам, чӣ бояд кард? Гуфт бояд чорае ҷуст, ки ҳар чӣ зудтар ӯро раҳо кунанд ва илова кард, – Бозор бе ин ҳам озори зиёде дидааст. Устод Осимӣ гуфтанд, ман ҳамроҳи Лоиқ пеши масъулони баландпояи кишвар рафтам ва дар ҳама ҷо Лоиқ илтиҷо мекард, ки Бозорро раҳо кунанд – ба хотири ҳунараш, ба хотири ашъори меҳандӯстонааш, ба хотири он ҳама заҳамоте, ки дар роҳи сангини шеъру адаби тоҷик кашидааст, ҳаргиз набояд Бозор зиндонӣ шавад. Ӯ мегуфт, ин барои як кишваре, ки мехоҳад пояҳои истиқлолашро қавӣ созад, нанговар аст...

Доктор Валӣ Самад, адабиётшиноси номдори мо, гуфт: – он замон Лоиқ беш аз ҳама ранҷ мекашид ва дасту поча буд, худро ба чаҳор тараф мезад, ки илоҷе ёбад, то Бозорро озод кунанд... мувофиқи тавони худ боре чанд ба ман пул дод ва хоҳиш кард, ки ба хонадони Бозор расонам...

Устод Лоиқ дӯст надошт, ки ҳарф бизанад, вале марди амал буд. Аз тазоҳуру риёкорӣ ва ба вежа аз тамаллуқ ва дурӯғ нафрат дошт. Шоире шӯридадил ва шуридаҷон, вале сахт боимон буд. Бо имон ба маънии воқеии ин вожа!.. Боре дар мавзӯъи Имон ва беимонӣ бо устод сӯҳбате доштам, бисёр ҷолиб буд. Устод байтеро аз шоире хонда буд, ки ҳамон лаҳза дар зеҳнам нишаст:

*МУСУЛМОНЕ, КИ Ӯ ИМОН НАДОРАД,*
*ТАНЕ ДОРАД, ВАЛЕКИН ҶОН НАДОРАД.*

Устод Лоиқ барои собит намудани сиҳатӣ ва ё носиҳатии ҳар вожа ва ё ҳар истилоҳе, аз адабиёти пурбори форсӣ даҳҳо мисол меовард, баъзан ба назари ман чунин менамуд, ки ашъори ағлаби шуъарои дасти аввали моро, аз ёд медонад. Ҳамон рӯз ҳам, ки дар бораи дуруст ва ё ғалат истифода шудани вожаи имон дар мақолае сухан мерафт, устод Лоиқ даҳҳо байтро аз ёд қироат намуд, ки мо чанд тан аз ҷавононе, ки резахури хони пурбаракати адаби форсӣ будем, бори дигар ба забондонию вожашиносии ӯ имон овардем, мисолҳое, ки устод он рӯз аз ёд мехонд, амсоли байтҳои зайлро, баъдан, ман дар девони Носири Хусраву Мавлавӣ хондам:

*Эй фузулӣ ту чӣ донӣ, ки чӣ будаст имон*
*Чун ту дил дар талаби тоъату имон надиҳӣ.*

* * *

*Он ки имон ёфт рафт андар амон*
*Куфрҳои боқиён шуд дар гумон...*

Хулоса устод дар суханшиносию забондонӣ камназир буд. Ёд дорам, дар оғози перестройкаи Гарбачов устод Лоиқ дар сӯҳбате ба ҷои ин вожаи русӣ истилоҳи «БОЗСОЗӢ»-ро пешниҳод кард ва ҳамон лаҳза аз Мавлоно мисоле овард, агар хато накунам, ҳамин байт буд:

*Ҳар касеро бозсозӣ боядо*
*К-он ҳама бехудшиносӣ ноядо.*

ва вожаи «бозсозӣ» дар Тоҷикистон мусталаҳ шуд. Бо талошу заҳамоти афроде мисли устод Лоиқ, Акбари Турсунзод, Мӯъмин Қаноат, Муҳаммадҷон Шакурӣ ва дигарон истилоҳи «забони форсӣ»-ро дар қонуни забони кишвар ворид карда буданд, ки аз сӯйи бархе аз «забонгумкардаҳо» (истилоҳ аз устод Лоиқ) сахт мавриди эътироз шуд ва баъдан, пас аз пирӯзии «ҷаҳлҳо бар ақлҳо» аз матни қонуни забон истилоҳи «форсӣ»-ро бардоштанд. Устод Лоиқ аз ин ҷиҳат бисёр ғам мехӯрд. Боре бо дард набишта буд, ки аз забони худ ҳифозат ва ҳаросат накардаем. Имрӯз мебинем, ки баъд аз расмӣ шудани забонамон дар қомати он як пироҳани нав андӯхтаем. Аз мақомоти боло то як шохарӯб, касе аз пеши худ дар ин росто коре намекунад, ки бар суди забони модарӣ... бошад. Қариб ҳама бо шеваи деҳаку шаҳраки худ ё бо шеваи турколуду русолуд гап мезананд. Рудиё ва телевизион ва расонаҳои гурӯҳӣ бо як забони кӯчабозории шевагӣ ва китобии махлут ва ғализ ва дурушт сӯҳбат мекунанд ва менависанд...»

Байтҳои зери Лоиқро ба ҷон бояд шунид ва таammуқ намуд.

*Мо зи асли хештан азбаски дур афтодаем,*
*Раста аз гӯре дигарбора ба гӯр афтодаем,*

* *

*Кавдано, баҳс баҳси Эрон нест,*
*Баҳси ман аз табори хештан аст.*
*Оташи форсии ту-табхол,*
*Оташи форсии ман сухан аст.*

*Кай шавад рӯзгор беҳ моро?*
*Рӯзгоро забун манеҳ моро!*
*Сарфамон сифру наҳвамон маҳв аст,*
*Эй худо, Деҳхудо бидеҳ моро!*

Дар байти охир манзур Алиакбари Деҳхудост, ки беҳтарин луғатномаро офаридааст, ки шояд дар таърихи луғатноманависии дунё низ беназир бошад. Устод Лоиқ ба ҳамаи онҳое, ки аз наздик шудани мо бо Эрон ҳарос доранд ва тафриқа меандозанд то ҳукумат кунанд, бонг буланд мекунад:

*Ту хоҳӣ бош тоҷику, то хоҳӣ бош эронӣ*
*Вале мобайни ҳамхунон, макун эҷоди вайронӣ.*

Ӯ ҳамвора дур аз тааллуқоти моддӣ зист... Ҳаргиз пулпараст набуд. Дар замони шӯравӣ адибон аз ҳаққузаҳмаи хубе бархурдор буданд... рӯзномаҳо, маҷаллот ва интишорот ба нависандагону шоирон ба ивази осорашон пули зиёд медоданд... Устод ҳам ҳаққи қалами хубе мегирифт, вале ҳаргиз захира намекард, сарф мекард, ба ниёзмандон медод... Боре дар шаҳри Маскав пас аз як зиёфате, ки устод Лоиқ барои ҷавонони тоҷик орост ва ман ҳам будам, устод аз назари ман, пули ҳангуфтеро ба ресторон дод. Гуфтам, устод, зиёд аст. Гуфт, – имрӯз, ки худо додааст, бидеҳ, фардо боз хоҳад дод! Гуфтам – Ки эзад дар биёбон оварад боз?... табассуми малеҳ кард ва гуфт – ман ба ин нукта бовар дорам. Ва зиндагии ман борҳо собит кардааст, ки чунин аст. Ӯ ба ман аз даврони баччагию навҷавониаш лаҳазоти зиёдеро ҳикоят мекард ва аз ҷумла аз солҳои тангдастии мардум, дар давраи ҷанги дувуми ҷаҳонӣ ва солҳои баъд аз ҷанг.

Замоне буд, ки хонаводаи мо ва тақрибан ҳамаи мардуми диёр, тангдастӣ мекашиданд... модарам дар деҳ нон ме-

пухтанд ва ҳафтае як бор барои ману бародарам, ки дар шаҳр донишомӯз будем, мефиристоданд ва аз панҷ шаш ноне, ки модарам ҳамроҳи бозориён барои мо мефиристоданд, як ё ду тоаш ба мо мерасид ва қути лоямути мо ҳамон нонҳои модарам буду бас. Ва он замон ғазои аслии ман нону об буд. Устод Лоиқ вақте аз модараш ёд мекард, чеҳрааш дигаргун мешуд, аз забонаш асал мерехт, он қадр бо меҳр ва муҳаббат сухан мегуфт, ки ту гӯйи беҳтар аз модари ӯ инсоне дар дунё нест... Дар воқеъ чеҳраи нуронии модари Лоиқ, як инсони сода ва меҳрубони деҳотӣ, ки синааш моломоли ишқ, самимият ва муҳаббат буда, барои фарзандонаш ҷомаи домодӣ дӯхта, худо гуфтаву оят хондаву, мижа таҳ нокарда, барои фарзандон кулчаи ширмол мепухта ва бо дуъо онҳоро гусел намуда ва шабу рӯз дар интизори фарзандон буда, бо ашки шодӣ онҳоро истиқбол мекардааст ва хулоса як модари меҳрубону дилбанд, аз омадани «писари азиз ва ғазалнависаш» он қадар шод мешуда, ки мо ин шодиро ва он дарду армонҳои модари дилбандро аз ашъори устод Лоиқ ба хубӣ эҳсос мекунем. Чеҳраи ин модари меҳрубон аз оғоз то анҷоми зиндагии шоиронаи устод Лоиқ дар шеъри ҳузур дошта аст. Китоби «Модарнома»-и устод Лоиқ, ки бо тирожи панҷоҳ ҳазор интишор ёфта буд, зуд ба фурӯш рафта ва ҳоло аз китобҳои камёб аст. Ин китоб дар Эрон низ чоп шудааст ва дар воқеъ «Модарнома»-и устод Лоиқ яке аз беҳтарин китобҳо дар ситоиши модар дар адабиёти форсист...

Ҳудуди 25 сол бо ӯ равобити дӯстона доштам. Дар маҳофиле мухталиф бо ҳам будем, сафарҳое бо ҳам доштему баҳсҳое бо ҳам кардем. Муддате, ҳангоме, ки ӯ намояндаи мардумӣ дар парлумони Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ман дастёри расмии ӯ будам... дар ҳолатҳои мухталиф, дар маҳофиле гуногун ӯро ҳамроҳӣ кардаам, мулоқотҳо ва гуфтугӯҳои фаровоне дар Душанбе, Маскав, Панҷакант, дар бӯстонсарои устод Сорбон дар Варзобдара, дар Куррабанд, Обшорон ва ниҳоят дар Алмотӣ доштаем, чӣ баҳсҳо, ки бо ҳам кардаем ва чӣ нуктаҳое, ки дар ин гуфтушунидҳо аз ӯ омӯхтаам ва чӣ баҳраҳо ки аз ҳамсуханӣ бо ӯ ва аз маниши озодии ӯ бурдаам...

Дар ҳамин ҳолу ҳавое, ки дорам ва аз даргузашти он

азиз, ки дақиқан баъд аз ҳазор соли марги Одам-уш-Шуъаро Рӯдакии Самарқандӣ, дар диёри ӯ дида ба ҷаҳон гушуда ва дар сӣ-чиҳил соли охир аз беҳтарин ва маҳбубтарин шоири миллии Тоҷикистон буда, розу ниёз ва дарду армонҳои ин миллати заҳматкаш ва мазлумро огоҳона дарк намуда ва бо беҳтарин шеваи баёни «рӯдакивор» таҷассум намудааст, рӯзаке чанд гузаштааст ва ҳанӯз синаам аз дарди фироқ бо ӯ моломол аст ва ҳанӯз ашк аз чашмонам нахушкида ва дар сӯги ӯ нишастаам, беҳтар медонам, ки ин ҷо иктифо кунам, то худо накарда эҳсос бар андеша пирӯз гардад...

Танҳо чизе ки акнун бо итминон метавон гуфт, ин аст, ки устод Лоиқ ҳанӯз қодир ба халқ намудани осори сутурге буд ва қатъан тасмим дошт, ки боз ҳам дардҳою армонҳои миллати парешон ва бечорааҳволи моро бозгӯ намояд ва ҳунари хешро дар хидмати шеъру адаби форсӣ ва ҷустуҷӯи роҳи наҷоти мардумон аз бунбастҳо масраф намояд. Ва ҳеҷ шакке нест, ки устод Лоиқ аз ҳунармандони нодир ва хуб дарёфта буд, ки ҳунар оинаест, ки худроончунон, ки ҳаст, боз менамояд: бараҳна ва дур аз рангу обу холу хат, ҳунар фарёдест, ки аз жарфои ҷони ҳунарманд берун меҷаҳад, фарёдест ки наметавон онро фурӯ бурд; ҳар бандро пора-пора мекунад, ҳар пайвандро аз ҳам медарад, фарёдест, ки агар бароварда нашавад, ба қавли доное, ҳама чизро мепарешад, аз ҳам мепошад; аз дарун месояд, мефарсояд.

Дар оғози сӯҳбат ишора кардем, ки зуҳури устод Лоиқ ба адабиёти мо, посух ба ниёзҳои миллате буд, ки солҳо «дар чоҳи сабр» ба сар мебурд ва интизори наҷот буд ва худованд ҳунармандеро мисли устод Лоиқ ба мо фиристода буд, ки ҳунари ӯ посух ба ниёзҳои тобрабо ва тоболуди мардуми мо буд ва ин ҳунар буд, ки ӯро ором намегузошт ва ҷони ӯ паймонае саршор буд, аз баракати он моро маст мекард. Ҳунар барои ҳунарманди воқеъӣ ба об мемонад барои моҳӣ. Ӯ аз сари ҳавову ҳавас ва ё худнамоӣ ба шеър рӯй намеовард. Ҳунар барои ӯ зиндагӣ буд. Ӯ дар ҳунар ва бо ҳунар мезист. Вақте ҳунар «хор мешуд» ва «ҷодуӣ арҷманд» баробари ҳунар ҷон мекоҳид, мемурд... Дар ғазале бахшида ба Бозор Собир гуфта буд:

*Моеу ту дар шоирӣ чон медиҳем,*
*Оқибат дар кунҷи девори сухан.*

ва ӯ ба ин ҳарф то охир содиқ монд. Зеро ӯро аз ҳунари хеш гурез ва гузире набуд. Доктор Мирҷалолуддини Каззозӣ фармуда буд, ки ҳунарманд бандаи ҳунари хеш аст, ҳамвора ва дар ҳар ҷой ҳунарманд мемонад...

Устод Лоиқ то охир на фақат ҳунарманди содиқ бар ҳунари хеш монд, балки ба назари ман чунин мерасад, ки озмуни талх ва ранҷу озорҳое, ки миллати мо дар даҳ соли охир аз сар гузаронид, дар офариниши ҳунарии ӯ, ҷаҳишеро падид овард; ба шеъри ӯ бурррой ва гироии фузунтаре ворид намуда ӯро водор сохт, ки худро дар шеъри худ бирезад ва бо шеър даромезад. Вазъи кишвар, дар ин авохир ӯро ба ҳадде бармеангезад, ки ту гӯйӣ ашъори ӯ дар ин замон аз буни ҷон бармехезад, аз жарфои ниҳод Моя мегирад, ки ашъори устод Лоиқ ашъори ниёз аст на шеъри ноз. Ин ашъор оташхез ва шӯрангез аст. Чаро ки шеър дар ин ҳангом паноҳ ва гурезгоҳи устод Лоиқ будааст. Устод Лоиқ боре ба ман гуфт, ман дар ин солҳо, ҳамаи ҳарфҳоямро дар шеърам гуфтаам ва мани аслиро дар шеърҳоям биҷӯед. Ва бо ишқи саршоре як фахрияеро, ки тоза офарида буд, қироат кард:

*Асли ман шеъру ғазалҳои мананд*
*На ҳамин шӯру ғағалҳои мананд...*
*Дар ҷаҳон бо ҷумла бурду бохтам*
*Ман ҷаҳони хешро ҳам сохтам...*

Ва дар воқеъ, устод Лоиқ аз ранҷу бедоди перомун, дар шеъри хеш мегурезад ва дар он паноҳгоҳ меёбад, шеър риштаест, ки ӯро ба зиндагӣ мепайвандад... Боре гуфтам, устод, оё зарурате дошт, ки шумо дар фалон маҳфиле суханронӣ кунед ва аз фалон нафаре ки ҳеҷ гуна «ҳунаре» надорад, таъриф намоед? Гуфт: шояд зарурате надошт, вале ман баъзан мехоҳам аз ин муҳити касиф, гурез кунам, барои як муддати кӯтоҳ худро фаромӯш кунам. Агар гоҳе авқот чунин накунам, дилам аз ғусса мекафад. Гуфтам беҳтарин ва мубарротарин муҳит муҳити шеъратон аст, гуфт, дуруст аст, вале оё намебинӣ ин муҳит то куҷо

пур аз дарду ранҷ аст, пур аз ғусса аст, бовар кун, ҳамеша дар чунин муҳит қарор доштан, бисёр сангин аст ва камак-камак ҷони одамро мегирад... Ҳамон суханронии ҳам, ки ту мегӯй, аз ҷумлаи он чизҳоест, ки инсон баъзан на аз рӯи садоқату самимият, балки аз рӯи зарурият, ба истилоҳ аз ҳамон «дурӯғҳои маслиҳатомез» мегӯяд... ман дар ҷашни зодрӯз, бо ҳамон таъоруфоти тоҷикӣ чанд ҳарфаке гуфта будам ва фикр мекардам, ҳамон лаҳза мардум он ҳарфҳоро фаромӯш мекунанд, вале ҳеҷ интизор надоштам, ки он ҳарфҳоро сабт намуда, гаштаю баргашта интишор бикунанд. Хуб дига ҳоло чӣ кунем... ки кор ба ин ҷо расида... вале ман бовар дорам, аҳли дард мефаҳманд, ки Лоиқ он ҳарфҳои бедардонаро дар кадом ҳолат гуфтааст... Шумо ин ҳарфҳоро нодида гиред. Акбар ҳам дар телефун маро таъна зад, вале дар воқеъ ман дилам мехоҳад, ки шумо, на китобҳои он бехунарро бихонеду на он ҳарфҳои туфайлии маро. Боз бароят таъкид мекунам, агар Лоиқи аслиро меҷӯӣ, ӯро дар шеъраш биҷӯй, на аз ин харфакои бозорӣ. Ҳамаи мо айбҳое ҳам дорем, бе айб фақат Худованд аст. Шумо сахт нагиред...

Дар воқеъ, устод, сад дар сад ҳақ буд, мо ҳама инсонем, заъфҳое ҳам дорем... вале вақте ба он осоре ки устод бо дасти худ навиштааст, рӯй меоварем мебинем, ки ӯ то куҷо дар шеъри хеш омезиш ёфтааст. Агар дар он муҳит устод ба ҳунари худ паноҳ намебурд ва агар бо ёрии он ҷӯшишҳои дарунӣ хешро берун намекашид, эҳтимол андешаи ӯ мепарешид ва ба девонагӣ дучор меомад, чашмасор агар аз рахнаи санг берун натаровад, саранҷом сангро бишкофад «Пажӯҳандае фармуда аст, ки ҳунармандони бузург, офаринандагони шигарф, ранҷро, дардро, шефтагиро, дар жарфтарин ва густурдатарин намуди он озмудаанд. Ранҷу дарду шефтагӣ барои эшон рахнаи раҳой будааст. Тӯфонҳои даруниро, ки моя ва хосттоҳи ҳунар аст, дар ниҳоди онон барангехтааст...

Ва устод Лоиқ аз ҷумлаи он ҳунармандони нодире буд, ки тавонистаанд бо талошҳои огоҳонаи худ равзане ба ҷаҳони дарунии хеш бигшоянд. Баъд аз ин ҳунари эшон аз ин равзан тӯфонҳои саҳмгин ва ангехтаи даруни эшонро ба берун мекашид...

Ва мо афроди нопойдор ва зудгузар, хуб медонем, ки устод Лоиқ дар беҳтарин ашъори худ, саҳафоти рӯзгори гузарои миллати моро бо нерӯи офаридагории хеш ҷовидона сохтааст...

Ӯ савдоии марг надошт. Ҳарчанд, инқирозу инҳитоти маънавӣ ва қатлҳои занҷиравии рӯшанфикрони тоҷик ӯро дилшикаста ва рӯҳафтода карда буд, ки осори ин нохушбинӣ дар ашъори солҳои охири ӯ, ҳувайдост, вале боз ҳам ҳатто дар пораҳо ва қитъаҳое, ки аз марг ёд мекунад, завқи зистан дошт ва зиндагиро месуруд ва месутуд.

Ин ҷо ки иктифо мекунам, узре ҳам дорам. Қасди ман таҳлилу баррасии зиндагию осори устод Лоиқ набуд. Балки хабари марги нобаҳангоми устод Лоиқ, маро ба гуфтани ин андешаҳои нолоиқ таҳрик намуд...

Баррасии зиндагӣ ва осори устод Лоиқ, корест, ки фурсате бештар ва пажӯҳише амиқтар мехоҳад ва умедворам ин кор дар оянда анҷом ёбад.

Ва ҳоло аз худованди ҷону хирад хоҳони онам, ки ӯро қарини раҳмат ва бахшоиши хеш гардонад ва амсоли Лоиқро дар ҷомиъаи фарҳангии Тоҷикистон ва шеъру адаби форсизабонон боз биёфаринад ва насли шоирони ҷавони тоҷикро бо пайравӣ аз ӯ муваффақ фармояд ва умри чанд тан аз ҳамонандон ва наздикони соҳибқариҳаи устод Лоиқро мустадом бидорад. Ва ман ин сӯгномаро бо байти машҳури шайхи аҷал Саъдии Шерозӣ ба поён мерасонам:

*Ба поён омад ин дафтар ҳикоят ҳамчунон боқист*
*Ба сад дафтар нашояд гуфт васфулҳоли муштоқӣ.*